Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад
Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

28 феврали соли 2024
Чоршанбе
№ 17 (15028)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## МАСЪАЛАҲОИ ИНКИШОФИ САНОАТ, ИНФРАСОХТОР ВА САЙЁҲӢ ДАР ШАҲРИ ТОШКАНД МУҲОКИМА ГАРДИДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев 27 феврал бо лоиҳаи ҳуҷҷатҳое, ки ба рушди саноат ва соҳаҳои хидматрасонӣ, инчунин инфрасохтори шаҳри Тошканд нигаронда шудаанд, шинос шуд.***

Дар барномаи давлатӣ оид ба татбиқи Стратегияи «Ўзбекистон–2030» дар «Соли дастгирии ҷавонон ва тиҷорат» мақсад ва вазифаҳо оид ба дастгирии рушди соҳибкорӣ, босамар истифода намудани захираҳои табиӣ ва об, татбиқи потенсиали сайёҳии минтақаҳо, беҳсозии шароити зиндагии аҳолӣ ва инфрасохтори шаҳрҳо муайян карда шудаанд.

Дар ҷамъомади мазкур масъалаҳои ташкили ин кор дар пойтахт муҳокима гардиданд.

Барои сабук намудани татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории воҳидҳои соҳибкорӣ дар Тошканд ҷамъияти саҳҳомии «Тошканд инвест компанияси» ташкил гаштааст. Дар назди ширкат вазифаҳо оид ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар пойгоҳи қитъаҳои холии замин, лоиҳаҳои шарикии давлативу хусусӣ, инчунин лоиҳаҳои реноватсия гузошта шудааст.

Бинобар ин тартиби соддаи татбиқи лоиҳаҳо бо шарти шарикии давлативу хусусӣ, инчунин тартиби татбиқи лоиҳаҳои реноватсия дар пойтахт ва ҳамкорӣ дар асоси «қарордоди давраи ҳаёт» тасдиқ карда мешавад.

Дар тақдимот дар бораи ба вуҷуд овардани минтақаи махсуси саноатии «Янги авлод» бо мақсади баланд бардоштани потенсиали саноатии ноҳияи Янги ҳаёт ва ба кор андохтани истеҳсолот дар асоси технологияи баланд маълумот дода шуд. Дар ҳудуди минтақаи саноатӣ дар майдони 664,5 гектар ҷалб намудани сармояҳои бевоситаи хориҷӣ ба миқдори 1,5 миллиард доллар, ба вуҷуд овардани 2,5 ҳазор ҷойи нави кор, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба миқдори соле беш аз 1 триллион сӯм ва роҳандозии содирот ба қимати 5 миллион доллар ба нақша гирифта шудааст.

Инчунин пешниҳодот оид ба рушди хидматрасонии сайёҳӣ ва инфрасохтор дар пойтахт баррасӣ гардиданд.

Бо ин мақсад татбиқи барномаҳои чорабинии марбут дар ноҳияҳои Миробод, Олмазор, Чилонзор, Учтепа, Шайхонтаҳур, Юнусобод, Яккасарой ва Яшнобод бо шомили ташкили кӯчаҳои сайёҳии гастрономӣ ва ҳунармандӣ, сохтмони объектҳои замонавии савдо ва хидматрасонӣ, меҳмонхона, қитъаҳои сабз ва рекреатсионии шафати каналҳо ба нақша гирифта шудааст.

Ба ногузирии ташкили корҳои мазкур дар дараҷаи маҳаллаҳо бо муайян намудани нуқтаҳои рушди онҳо, ихтисос ёфтани онҳо ба намудҳои муайяни фаъолият ва сабз гардондани ҳудудҳо бо истифодаи васеи «Таҷрибаи Андиҷон» ишора гардид.

Роҳбари давлат лоиҳаи ҳуҷҷатҳо ва пешниҳодҳоро дастгирӣ намуд, ба шахсони масъул оид ба ташкили босифат ва самараноки иҷрои онҳо вазифаҳо дод.

**ЎзА.**

***26 феврал дар қароргоҳи СММ дар шаҳри Ню-Йорк резолютсияи Ассамблеяи генералии Созмон «Соли 2027 – Соли байналхалқии сайёҳии устувор ва собитқадам» бо як овоз қабул гардид.***

## БО ТАШАББУСИ ЎЗБЕКИСТОН СОЛИ 2027 ЧУН СОЛИ БАЙНАЛХАЛҚИИ САЙЁҲИИ УСТУВОР ВА СОБИТҚАДАМ ЭЪЛОН ХОҲАД ГАРДИД

Ҳаммуаллифи ин резолютсия, ки Ҷумҳурии Ўзбекистон пешниҳод намуд, беш аз 80 мамлакати узви Созмон гардиданд.

Дар машваратҳо оид ба ҳамоҳанг намудани матни ҳуҷҷат коршиносони чунин давлатҳои пешқадам мисли Русия, ҶМЧ, ИМА, Туркия, Олмон, Британияи Кабир, Ҷопон, Ҷумҳурии Куриё, Миср, Бразилия, Аргентина ва ҳамчунин ҳайати ИА фаъолона иштирок намуданд. Намояндагони давлатҳои аъзои СММ саривақтӣ ва аҳамиятнок будани резолютсияи мазкурро таъкид намуданд.

Мақсади асосии ҳуҷҷат пурра бо тезисҳое, ки Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар ҷамъомади Ассамблеяи генералии Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ (ЮНВТО) моҳи октябри соли 2023 дар Самарқанд бобати устуворӣ ва нармии соҳаи сайёҳӣ ба мушкилот ва ситезаҳои муосир пешниҳод намудааст, асос меёбад.

Дар резолютсия принсипҳои пешниҳоднамудаи роҳбари давлатамон дар бораи аҳамияти муҳими сайёҳӣ дар нигоҳ доштани мероси ғании мадании тамаддунҳои мухталиф, мустаҳкам намудани сулҳ ва таҳаммулпазирӣ, эҳтироми арзишҳои халқӣ ҷой гирифтаанд.

Ба рушди сайёҳии «сабз» барои нигоҳдории экология, гуногунии биологӣ ва коҳиш додани ифлос намудани атмосфера эътибори алоҳида нигаронда шудааст.

Ҳуҷҷат қарор менамояд, ки соли 2027 Соли байналхалқии сайёҳии устувор ва қобили ҳаёт эълон гардад ва аз ЮНВТО якҷоя бо ҳукуматҳо, ниҳодҳои низоми СММ, ташкилотҳои минтақавӣ даъват менамояд, ки оид ба бомуваффақият барпо намудани он чорабиниҳои маҷмӯӣ андешад.

Дар резолютсия аҳамияти рушди сайёҳии устувор бо шомили экосайёҳӣ, ки барои даст ёфтан ба МРУ, рушди иқтисодӣ, пурра бо шуғл фаро гирифтан ва инчунин рушди минтақаҳои деҳот ва беҳсозии шароити зисти аҳолии деҳот мусоидат намояд, таъкид мегардад.

Резолютсия ба ҳама ҷонибҳои манфиатдор тавсия менамояд, ки фаъолона сайёҳии устувор ва собиқадамро ба сифати василаи муҳими аз байн бурдани қашшоқӣ, рағбатноксозии иштироки занон, ҷавонон, солхурдагон ва ногироҳо, васеъ намудани имконоти иқтисодӣ ва ба вуҷуд овардани ҷойҳои муносиби кор ва манбаъҳои даромад пеш барад.

Ҳуҷҷат қарор менамояд, ки ЮНВТО Ассамблеяи генералии СММ-ро дар сессияи 83-юми он (с.2028) дар бораи татбиқ намудани резолютсияи мазкур бо эътибори алоҳида додан ба баҳои баргузор намудани Соли байналхалқӣ маълумот диҳад.

Бинобар фикри мутахассисон, резолютсияи пешниҳоднамудаи Ўзбекистон таҷассумгари оғози давраи нави рушди саноати сайёҳӣ дар дараҷаи ҷаҳонӣ мегардад.

**(ЎзА).**

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

## ДАР БОРАИ БАРНОМАИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ «ЎЗБЕКИСТОН–2030» ДАР «СОЛИ ДАСТГИРИИ ҶАВОНОН ВА ТИҶОРАТ»

Ба мақсади дар соли 2024 самарабахш амалӣ намудани ислоҳоти васеъмиқёс, ки дар Стратегияи «Ўзбекистон – 2030» муайян шудааст, пайваста идома додани чорабиниҳои низомнок, ки ба ноил шудан ба тағйироти мусбат дар ҳаёти ҳаррӯзаи мардум нигаронда шудааст, таъмини суръатҳои баланди афзоиши иқтисодӣ, ки аз тамоюлҳои «Иқтисодиёти сабз» асос меёбанд, беҳтар гардондани вазъи экологӣ, васеъ ҷорӣ кардани андозаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои об ва дигари табиӣ, инчунин минбаъд такмил додани низоми идоракунӣ, ки ба манфиатҳои халқ нигаронда шудааст:

1. **Аз 1 марти соли 2024** ба роҳбарони вазорату идораҳо, мақомоти ҳокимияти иҷроия дар маҳалҳо, **корхона ва ташкилотҳо бо иштироки давлатӣ, ташкилотҳои таълими олӣ** ҷавонони боистеъдод ва иқтидорнок, инчунин ба муносибати инфиродӣ эҳтиёҷманд, дар асоси «Балanси ҷавонон» мувофиқи қарори Комиссияи ҷумҳуриявӣ оид ба ҳамоҳангсозии масъалаҳои кор бо ҷавонон дар маҳаллаҳо вобаста карда шаванд. Дар баробари ин роҳбарони мазкур:

**ҳар моҳ камаш як маротиба** бо ҷавонони барояшон вобасташуда мулоқот анҷом дода, дар ҳалли мушкилот ва татбиқи неруи он, **таъмини шуғл**, дар ҳаёт пайдо намудани ҷойгоҳи худ **бо роҳи омӯзиши касбҳои серталаб,** инчунин **баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳангии онҳо** ҳамаҷониба мусоидат намоянд;

барои равона намудани маблағҳои ғайрибуҷавии ташкилотҳои дахлдор ва маблағҳои зарурӣ аз ҳисоби дигар манбаъҳо, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, ба **ҳаллу фасли мушкилот ва татбиқи иқтидори** ҷавонони вобасташуда ба тартибе, ки Девони Вазирон муайян менамояд, иҷозат дода шавад.

**Комиссияи ҷумҳуриявии ҳамоҳангсозии масъалаҳои кор бо ҷавонон дар маҳаллаҳо, Агентии оид ба кор бо ҷавонон** (А. Саъдуллаев), инчунин вазорату идораҳо, ки ба онҳо ҷавонон вобаста карда шудаанд, барои иҷрои пурра, хушсифат ва бечунучарои банди мазкур масъул мебошанд.

2. Ба мақсади боз ҳам пурра татбиқ намудани иқтидор, истеъдод ва ташаббусҳои ҷавонон дар доираи **«Олимпиадаҳои панҷ ташаббус»**:

**аз 1 марти соли 2024** дар сатҳи баланд дар низоми **маҳалла, муассисаҳои таълимӣ, корхона ва ташкилотҳо** озмунҳо барои донистани забонҳои хориҷӣ («Ибрат фарзандлари»), мусобиқаҳо оид ба **киберспорт**, инчунин **бозиҳои интеллектуалии «Заковат»** бо фонди ҷоизавии **600 миллион сӯм** ташкил карда шаванд;

дар амал Агентии оид ба кор бо ҷавонон ва ҳокимиятҳои маҳаллӣ бояд таҷрибаи аз ҳисоби маблағи Фонди «Дафтари ҷавонон» ҷорӣ намудани амалиёти дар ҳудудҳои худ бо устохонаҳои муҷаҳҳаз таъмин намудани писарон ва духтаронро, ки ғолибони озмуни касб шудаанд, ба роҳ монанд.

Агентии оид ба кор бо ҷавонон (А. Саъдуллаев) барои иҷрои пурра, хушсифат ва бечунучарои банди мазкур масъул муайян карда шавад.

3. Пешниҳоди Агентии оид ба кор бо ҷавонон, Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим, инчунин Вазорати иқтисодиёт ва молия дар бораи ҷорӣ кардани тартиби **дар асоси озмун ҷудо кардани маблағ дар марҳилаи аввал то 200 баробари миқдори андози базавии ҳисоб** барои **100 лоиҳаҳои волонтёрӣ** дар чунин соҳаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим, аз қабили экология ва тарғиби тарзи ҳаёти солим маъқул дониста шавад.

4. Ба мақсади васеъ оммавӣ гардондани соҳибкорӣ дар байни ҷавонон ва фароҳам овардани имкониятҳои иловагӣ барои шуғл варзидан бо тиҷорат:

**(Давомаш дар саҳ.4).**



*Дар вилояти Намангон саъю ҳаракатҳое, ки барои фароҳам овардани қулаиҳо ба фаъолияти озоди соҳибкорон нигаронида шудааст, натиҷаи худро медиҳад.*

*Ҳар сол ташкил ёфтани садҳо субъектҳои соҳибкорӣ тасдиқи он мебошад.*

*ҶММ «Panda sanoat savdo»-и воқеъ дар ноҳияи Давлатобод бо технологияи замонавӣ таҷҳизонида шуда, ин ҷо 25 намуди маҳсулоти қандалот истеҳсол мегардад.*

*150 нафар ходим-коргарони корхона соли гузашта ба бозорҳои маҳаллӣ ва кишварҳои ҳамсоя 1,1 миллиард сӯмина маҳсулот расонда доданд.*

***Дар сурат:** дар ҶММ «Panda sanoat savdo».*

***Аксбардор: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).***

## ЎЗБЕКИСТОН ВА ТОҶИКИСТОН АЗ ЗАХИРАҲОИ ОБ МУШТАРАК ИСТИФОДА МЕБАРАНД

***Охири ҳафтаи гузашта дар вилояти Суғд гурӯҳҳои кории Ўзбекистон ва Тоҷикистон оид ба истифодаи муштараки захираҳои оби дарёҳои фаромарзии Осиёи Марказӣ дар шакли густарда ҷаласаи 6-уми худро баргузор намуданд. Дар он натиҷаҳои татбиқи лоиҳаи «Таҷдиди дидбонгоҳҳои «Патар» ва «Сарват» дар каналҳои байнидавлатии канали Калони Фарғона ва канали Шимолии Фарғона баррасӣ карда шуд, ки онро дафтари Созмони рушд ва ҳамкории Швейтсария маблағгузорӣ мекунад. Дар ин бора дафтари матбуоти Вазорати хоҷагии оби Ўзбекистон хабар дод.***

Бино ба ин манбаъ дар ҷаласа вазири энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон Далер Ҷумъа, вазири хоҷагии оби Ўзбекистон Шавкат Ҳамроев ва вакили Дафтари рушд ва ҳамкории Шветсария ширкат намуданд. Дар ҷараёни ҷаласаи мазкур талошҳои минбаъдаи ҳарду ҷониб ҷиҳати истифодаи дидбонгоҳҳои автоматикунонидаи «Патар» ва «Сарват» ва имконияти татбиқи лоиҳаҳои нави байнидавлатӣ дар соҳаи захираҳои об ва дигар масъалаҳои марбута дар меҳвари баррасӣ қарор дода шуданд.

Гуфта мешавад, дар чаҳорчӯби ҷаласаи 6-уми гурӯҳҳои кории Ўзбекистон ва Тоҷикистон оид ба истифодаи муштараки захираҳои оби дарёҳои фаромарзии Осиёи Марказӣ маросими ифтитоҳи дидбонгоҳҳои автоматикунонидаи «Патар» ва «Сарват» ба вуқӯъ пайваст. Ин дидбонгоҳҳо аз роҳи автоматикунонидашуда сабт ва интиқоли маълумот дар бораи ҷараёни об ва роҳҳои идоракунии самараноки захираҳои об дар каналҳои байнидавлатиро пурра таъмин менамояд.

Маълум шуд, ки раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода аъзои ин ҳайатҳоро ба ҳузур пазируфта, оид ба вазъи хоҷагии об дар минтақа ва аҳамияти канали Калони Фарғона ва каналҳои Фарғонаи Шимолӣ дар мавриди бо об таъмин намудани як қатор ноҳияҳои вилоят арзи сипос намудааст.

Ба гуфтаи Аҳмадзода ба воситаи канали Калони Фарғона 13 ҳазор гектар замини ноҳияи Конибодом, ба воситаи канали Фарғонаи Шимолӣ 5 ҳазор гектар заминҳои ноҳияи Ашти ин вилоят обёрӣ карда мешаванд.

Дар навбати худ Шавкат Ҳамроев барои истиқболи гарму самимӣ ибрози сипос карда, дар пайи он аҳамияти истифодаи оқилонаи захираҳои оби «Баҳри тоҷик»-ро, ки дар вилояти Суғд воқеъ аст, хеле муҳим арзёбӣ намудааст. Ба таъкиди ў озодии кафолатноки об барои Ўзбекистон дар мавсими кишт аҳамияти калонро касб менамояд. Вай афзудааст, ки дар баробари ин иншооти хоҷагии оби дорои аҳамияти байналхалқӣ (гидропостҳо) аз роҳи ҷорӣ намудани дастгоҳҳои автоматкунонидашуда ва баҳисобгирии дақиқии об назорати ин равандро хеле осон мегардонанд.

Пас ҳайатҳои ду кишвар дар қасри конфронсҳои Бонки миллии Тоҷикистон тибқи рӯзнома ба баргузории чорабинии асосӣ шурӯъ карданд. Дар ин чорабинӣ роҳбарияти намояндагиҳои Созмони рушд ва ҳамкории Швейтсария дар Ўзбекистон ва Тоҷикистон, созмони «Ҳелветас» ва намояндагони вазорату идораҳои дахлдори Тоҷикистону Ўзбекистон ширкат намудаанд. Қобил ба ёдоварист, ки "Ҳелветас" як ташкилоти мустақили Швейтсария буда, расонидани кумак ба кишварҳои тараққӣ кардаистодаро ҳадаф қарор додааст ва дар айни замон барои беҳтар кардани зиндагии мардум дар 32 кишвари ҷаҳон лоиҳаҳои худро амалӣ менамояд

Дар чорабинӣ оид ба татбиқи лоиҳаи «Таҷдиди ду гидропост дар канали Калони Фарғонаи байнидавлатӣ ва канали Фарғонаи Шимолӣ ва корҳои анҷомдодашуда маълумот ироа гардидааст. Ҳамзамон дурнамои кори гидропостҳои автоматикунонидашудаи «Патар» ва «Сарват» мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, ки маҳз дар каналҳои байнидавлатӣ воқеъ гардидаанд.

Дар ҷараёни ин дидору мулоқотҳо шиносоӣ бо параметрҳои техникӣ ва имкониятҳои таҷҳизоти мониторинги захираҳои обии ширкати «Рубикон» низ сурат гирифтааст. Ҳайатҳо роҷеъ ба фаъолияти минбаъдаи таҷҳизоти насбшуда дар гидропостҳои "Патар" ва «Сарват» табодули назар кардаанд.

Бино ба дафтари матбуоти Вазорати хоҷагии оби Ўзбекистон ҷонибҳо оид ба татбиқи лоиҳаҳои нави муштараки Ўзбекистон ва Тоҷикистон ҷиҳати азнавсозии гидропостҳои «Танги-Ворух» дар дарёи Исфара, гидропостҳои «Оқҷар» ва «Қизилқишлоқ» дар рӯдхонаи Сирдарё пешниҳодҳои худро дар миён гузоштанд. Зимнан дар масъалаҳои омӯзиши имкониятҳои ҷорӣ намудани таҷҳизоти онлайнӣ, автоматикунонии корҳои ҳисобу китоб, интиқоли маълумот аз "Гидроузели Фарҳод" ва дар ҳудуди ҳар ду кишвар ҷорӣ кардани технологияи сарфаи об ҳарду ҷониб ба як қатор дастовардҳо ноил шудаанд.

– Бо афзоиши талаботи рӯзмарра ба об ва кам шудани дастрасӣ ба он, ҳамкориҳои фаромарзӣ аз ҳарвақта ҳам бештар муҳим ва дорои аҳамият мебошанд, – гуфтааст хонум Раҳел Боеш, роҳбари бахши ҳамкорӣ ва марказии оби минтақавии сафорати Швейтсария дар Ўзбекистон. – Ин шабакаҳои ченкунии умумӣ дар раванди мазкур хеле муҳиманд, зеро чизе, ки андоза карда намешавад, назорат кардани он низ хеле душвор хоҳад буд,– афзудааст мавсуф.

Вазири энергетика ва хоҷагии оби Тоҷикистон ва Вазири хоҷагии оби Ўзбекистон дар қад-қади канали Калони Фарғонаи фаромарзӣ ва канали Фарғонаи Шимолӣ ду стансияи ченкунии гидропостӣ кушоданд. Гуфта мешавад, ки ин ба шарофати ташаббуси ҳукумати Швейтсария дар Осиёи Марказӣ имконпазир гардидааст.

Идоракунии захираҳои оби фаромарзӣ дар Осиёи Марказӣ барои Швейтсария яке аз авлавиятҳои муҳим ба шумор меравад. Мавҷудияти захираҳои об дар Осиёи Марказӣ барои некуаҳволӣ ва рушди иқтисодии тақрибан 75 миллион нафар, ки дар ин минтақа зиндагӣ мекунанд, хеле муҳим аст. Аксарияти ин захираҳои об ба ду ё зиёда кишварҳо тааллуқ доранд. Швейтсария ташаббуси «Сулҳи кабуди Осиёи Марказӣ»-ро дар соли 2017 дар посух ба зарурати равиши фаромарзӣ дар идоракунии об дар ин минтақа оғоз кардааст.

Дарвоқеъ, тақрибан ду даҳсолаи охир Швейтсария Тоҷикистон ва Ўзбекистонро дар раванди ислоҳоти об бо истифода аз равиши ҳамгирошудаи идоракунии захираҳои об дар сатҳҳои миллӣ аз наздик дастгирӣ мекунад. Илова бар ин, барномаи "Blue Peace – Осиёи Марказӣ» ба таҳкими эътимод ва муқаррар кардани стандартҳои ҳамкории минтақавӣ барои таъмини амнияти оби тамоми мардуми Осиёи Марказӣ мусоидат мекунад.

– Ба шарофати комёбиҳои бадастомада кишварҳои мо – Ўзбекистон ва Тоҷикистон барои рушди минбаъда ва таҳкими манфиатҳои муштарак дар идоракунии захираи обҳои фаромарзӣ имкониятҳои калонро соҳиб мебошанд,– гуфтааст Шавкат Ҳамроев.

Ба гуфтаи вазири энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон Далер Ҷумъа автоматикунонии дидбонгоҳҳои «Патар» ва «Сарват» дар раванди рақамикунонии соҳаи об яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Вазорати энергетика ва захираҳои оби ин ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

## ДАР ФИЛАДЕЛФИЯ МАРОСИМИ ИФТИТОҲИ БОТАНТАНАИ БИНОИ МАРКАЗИ ФАРҲАНГИИ «YATAN» БАРПО ГАРДИД

***Дар шаҳри Филаделфияи Амрико (иёлати Пенсилвания) маросими ифтитоҳи расмии бинои маркази фарҳангии ўзбек «Yatan» баргузор шуд.***

Дар чорабинӣ роҳбари иттиҳодияи «Yatan» Шӯҳрат Қодиров, консули генералии Ўзбекистон дар шаҳри Ню-Йорк Ҷамил Шарипов, фаъолони ташкилоти диаспораи ўзбек дар ИМА ва ҳамватанони мо иштирок карданд.

Тавре ки Шӯҳрат Қодиров қайд намуд маркази фарҳангии «Yatan», ки ҳоло дорои суроғаи доимӣ мебошад, метавонад шабҳои эҷодӣ ва дигар чорабиниҳои муҳимро бо иштироки ҷомеаи ўзбекҳо дар сатҳи сифатан нав ба мақсади ваҳдати минбаъда ва муҳимтар аз ҳама нигоҳ доштани таърихи бой, анъана ва расму оинҳои халқи ўзбек баргузор намояд.

Дар оянда дар пойгоҳи маркази мазкури фарҳангӣ барои ҳамватанон боз намудани маҳфилҳои забон ва адабиёти ўзбек, инчунин маҳфилҳои гуногуни таълимӣ барои тарбияи насли наврас дар рӯҳи эҳтиром ва пос доштани Ватани таърихиамон ба нақша гирифта шудааст.

Меҳмонони чорабинӣ изҳор доштанд, ки дар Амрико қарор дошта, саъй мекунанд, саъю кӯшиши роҳбарияти Ўзбекистонро ҷиҳати ҳифзи мероси ғании таърихию фарҳангии ватани муштаракамон ҳамаҷониба дастгирӣ кунанд.

Ёдовар мешавем, ки дар аввали моҳи феврал дар ноҳияи Бруклини Ню-Йорк бо дастгирии Консулгарии генералии кишвари мо бинои нави маркази забони ўзбекӣ барои кӯдакон «Ziyo Art», ки дар назди ташкилоти диаспоравии «Mahalla USA» фаъолият мекунад, дарҳои худро боз кард.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри НЮ-ЙОРК.*

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

# ДАР БОРАИ БАРНОМАИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ «ЎЗБЕКИСТОН–2030» ДАР «СОЛИ ДАСТГИРИИ ҶАВОНОН ВА ТИҶОРАТ»

(Аввалаш дар саҳ.1).

а) **камаш 40 фоизи қарзҳо**, ки дар доираи барномаи соҳибкории оилавӣ ҷудо карда мешаванд, барои рушди соҳибкории ҷавонон равона карда шаванд;

б) **аз 1 июни соли 2024** амалиёти гузарондани озмунҳои «Соҳибкори ҷавон» ҷорӣ карда шавад, ки инҳоро пешбинӣ менамояд:

аз ҷониби Агентии оид ба кор бо ҷавонон баргузор намудани интихоби лоиҳаҳои тиҷорати истиқболнок ва ғояҳои ҷавонон **дар марҳилаҳои «Маҳалла – ноҳия – вилоят – ҷумҳурӣ». Дар баробари ин ба лоиҳаҳо ва ғояҳои соҳибкорони ҷавони имконияташон маҳдуд** эътибори алоҳида дода мешавад;

**то 1000 баробари миқдори** андозаи базавии ҳисоб **ҷудо намудани вомҳои имтиёзнок** барои ҳар як лоиҳа, ки дар зинаи ҷумҳуриявӣ аз марҳилаи интихоб гузаштааст;

барои **такмили ихтисос дар давлатҳои хориҷӣ** равона намудани муаллифони лоиҳаҳои тиҷоратӣ ва ғояҳо, ки ғолиб гардиданд, аз ҳисоби Фонди дастгирии соҳибкорони ҷавон.

**Агентии оид ба кор бо ҷавонон** (А. Саъдуллаев), **Палатаи савдою саноат** (Д. Ваҳобов) **ва Ассотсиатсияи ногироҳои Ўзбекистон** барои иҷрои пурра, хушсифат ва бечунучарои банди мазкур масъул муайян карда шаванд.

5. **Аз 1 марти соли 2024** барномаи **«Ду барномасоз аз ҳар як маҳалла»** ҷорӣ карда шавад.

Дар ин бобат муқаррар карда шавад, ки дар доираи барномаи мазкур:

таҷрибае ҷорӣ карда мешавад, ки мувофиқи он пешвоёни ҷавонон дар маҳаллаҳо бо иштироки фаъолони маҳаллаҳо ҷавононеро муайян менамоянд, ки ба **технологияҳои иттилоотӣ ва барномасозии компютерӣ** шавқу ҳавас доранд, омўзиши забони англисӣ ва дигари хориҷӣ ва гирифтани сертификатро ташкил менамоянд, мунтазам дар бораи ҷавонони сертификатгирифта ба низоми махсуси иттилоотии Вазорати технологияҳои рақамӣ маълумот ворид менамоянд;

Вазорати технологияи рақамӣ, Вазорати шуғл ва коҳиш додани камбизоатӣ оид ба фиристодани ҷавонон, ки маълумот дар бораи онҳо ба низоми махсуси иттилоотӣ ворид шудаанд, **ба ташкилотҳое**, ки **дар соҳаи IT фаъолият** нишон медиҳанд, инчунин расондани кумак ба онҳо ҷиҳати **бо кор таъмин намудан** чораҳо меандешанд.

**Ассотсиатсияи маҳаллаҳои Ўзбекистон** (Қ. Қуронбоев), **Агентии оид ба кор бо ҷавонон** (А. Саъдуллаев), **Вазорати технологияҳои рақамӣ** (Ш. Шерматов), инчунин Шўрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимияти вилоятҳо ва шаҳри Тошканд барои иҷрои пурра, хушсифат ва бечунучарои банди мазкур масъул муайян карда шаванд.

6. **Аз 1 марти соли 2024:**

амалиёти равона намудани маблағи Фонди «Дафтари ҷавонон» ба **омўзондани забонҳои хориҷӣ ва касбҳо** ба ҷавонон ҷорӣ карда шавад;

**платформаи махсуси «Устоз»** оид ба омўзиши ҷавонон ба касбҳои замонавӣ ба роҳ монда шавад, ки ба воситаи он дар марҳилаи аввал фарогирии **150 ҳазор ҷавонон** таъмин карда шавад;

**платформаи «Академияи духтарон»** оиди ба бонувони ҷавон ва духтарон омўзондани чунин касбҳои замонавӣ, аз қабили соҳибкорӣ, маркетинг ва дизайни графикӣ ба роҳ монда, ба воситаи он барои онҳо **озмунҳои мухталиф, лоиҳаҳо, лагерҳои таълимӣ ва коромўзӣ** ташкил карда шаванд.

**Вазорати шуғл ва коҳиш додани камбизоатӣ** (Б.Мусаев)**, Кумитаи оила ва занон** (О. Парпибоева) **ва Агентии оид ба кор бо ҷавонон** (А. Саъдуллаев) барои иҷрои пурра, хушсифат ва бечунучарои банди мазкур масъул муайян карда шаванд.

7. Ба мақсади фароҳам овардани шароитҳои мусоидтарин **барои тиҷорат** ҳамчун омили асосии рушди иқтисодиёти миллӣ дар доираи **«Барномаи дастгирии тиҷорат»** то охири соли 2024 фароҳам овардани шароитҳои зарурӣ оид ба инҳо таъмин карда шавад:

ба шуғл варзидан бо тиҷорат ҷалб намудани **2 миллион** шаҳрванд бо роҳи татбиқи маҷмўи чораҳои дастгирӣ;

бо шуғл таъмин намудани 5 миллион шаҳрванд бо роҳи созмон додани ҷойҳои нави корӣ.

**Муовини Сарвазир Ҷ. А. Кўчқоров** барои иҷрои пурра, босифат ва бечунучарои банди мазкур масъул муайян карда шавад.

8. **Аз 1 июли соли 2024** сар карда нисбат ба корхонаҳое, ки бо **брендҳои маъруфи байналмилалӣ** истеҳсолотро оғоз мекунанд:

тартиби пўшондани хароҷот барои ҷорӣ намудани **андозаҳои байналмилалӣ ва сертификатҳои экологӣ** ҷорӣ карда шавад;

**аз боҷи гумрукӣ тамоми намудҳои ашёи хом**, ки барои маҳсулот заруранд, таҳти **брендҳои маъруфи байналмилалӣ** истеҳсол мешаванд, бо шарти расондани ҳиссаи маҳаллигардонӣ ҳадди ақалл **то 60 фоиз** озод карда шавад;

**ситондани пардохт** барои додани тасдиқ ҷиҳати ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Ўзбекистон бо мутахассисони ҷалбшудаи брендҳои маъруфи байналмилалӣ, аз қабили технологҳо, дизайнерҳо, маркетологҳо бекор карда шавад.

**Палатаи савдову саноат** (Д. Ваҳобов) ва **Вазорати сармояҳо, саноат ва савдо** (Л. Қудратов) барои иҷрои пурра, хушсифат ва бечунучарои банди мазкур масъул муайян карда шаванд.

9. **Аз 1 майи соли 2024** таҷрибаи муайян намудани **пардохту боҷҳои нави ҳатмӣ** барои шаҳрвандон ва субъектҳои соҳибкорӣ **танҳо тибқи қонун** ҷорӣ карда шавад.

10. Дар доираи **Барномаи давлатии татбиқи Стратегияи «Ўзбекистон–2030» дар «Соли дастгирии ҷавонон ва тиҷорат»** (минбаъд – Барномаи давлатӣ), ки дар асоси пешниҳодҳои дар рафти муҳокимаи васеи ҷамъиятӣ пеш гузошташуда таҳия шудааст, инҳо тасдиқ карда шаванд:

**нақшаи чорабиниҳои амалӣ барои соли 2024 дар қисмати самтҳо** мувофиқи замимаҳои №№1-5;

**феҳристи лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ, ки дар қисмати самтҳо дар соли 2024 таҳия мешаванд**, мувофиқи замимаҳои №№6-10.

Ҳамзамон ба эътибор гирифта шавад, ки **нишондиҳандаҳои мақсаднок барои соли 2024 дар қисмати самтҳо** бо қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 11 сентябри соли 2023 №ҚП-300 «Дар бораи чораҳо оид ба татбиқи босифат ва саривақтии Стратегияи «Ўзбекистон – 2030» дар соли 2023 тасдиқ шудааст.

11. Дар доираи самтҳо оид ба **фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳар як инсон дар ба рўйи об баровардани иқтидори ў** дар соли 2024:

**низоми** мактабҳои президентӣ ва махсус бинобар арзёбии дониши иловагӣ **дар 1000 муассисаҳои таълими** умумии миёна ҷорӣ карда ва ҳиссаи машғулотҳои амалӣ аз рўйи фанҳо **то 60 фоиз** зиёд карда шавад;

муоинаи профилактикии **6,7 миллион нафар** дар синни **40 ва аз он боло** ба мақсади муайян кардани хавфи касалиҳои **дилу раг, диабети қанд ва бемориҳои музмини** шуш ташкил карда шавад;

ба касбҳои замонавӣ омўзондани **7,5 ҳазор писарон ва духтарон**, пўшондани хароҷот барои имтиҳонҳои **6 ҳазор ҷавонон**, ки оид ба забонҳои хориҷӣ дар низомҳои имтиҳонии байналмилалӣ холҳои баландро ба даст овардаанд, таъмин карда шавад;

оиди **ба варзиши оммавӣ** ҷалб намудани **10 миллион нафар** бо роҳи ташкили марафонҳо ва мусобиқаҳо аз рўйи чунин намудҳои варзиш, аз қабили **давидан, футбол, волейбол, тенниси рўйи миз, шоҳмот, гўштини миллӣ ва гўштини камарбандӣ** чораҳо андешида шаванд;

дар **15** марказҳои олимпӣ ва паралимпӣ ва **14 пойгоҳҳои варзишӣ дар шаҳри Тошканд, вилоятҳои Андиҷон ва Тошканд** ба мақсади ба даст овардани **на кам аз 140 литсензия** барои бомуваффақият иштирок намудан **дар Бозиҳои олимпӣ ва паралимпӣ**, ки дар шаҳри Париж дар соли 2024 гузаронда мешаванд, тамоми шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад.

Мутаносибан **Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ** (Ҳ. Умарова), **Вазорати нигаҳдории тандурустӣ** (А. Худояров), **Вазорати шуғл ва коҳиш додани камбизоатӣ** (Б. Мусаев), **Агентии оид ба кор бо ҷавонон** (А. Саъдуллаев), **Вазорати варзиш** (А. Икрамов), **Кумитаи миллии олимпии Ўзбекистон** (О. Қосимов) ва **Кумитаи миллии паралимпии Ўзбекистон** (М. Тошхўҷаев) барои иҷрои пурра, хушсифат ва бечунучарои банди мазкур масъул муайян карда шаванд.

12. Муқаррар карда шавад, ки:

а) **аз соли таҳсили 2024/2025** сар карда:

ба тариқи озмоиш дар яке аз ноҳия (шаҳр)-и Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд лоиҳаи **«Мактаби ман»** татбиқ карда шуда, дар доираи он ба мактабҳо **ба миқдори 105** баробари андозаи асосии ҳисоб аз ҳисоби Буҷаи давлатӣ маблағ ҷудо карда ва истифодаи онҳо бинобар интихоби хонандагони синфҳои 5-11 ба чунин молҳои барои мактаб зарурӣ, аз қабили **доскаҳои электронӣ, компутерҳо, ҷиҳозҳои варзишӣ, китобҳо** муайян карда мешаванд;

**низоми сертификатонии менеҷерии директорони** муассисаҳои таълими умумии миёна ҷорӣ карда мешавад. Дар баробари ин **талаботи тахассусӣ нисбати директорон** бояд мушаххас муайян карда шуда, аттестатсияи онҳо **дар панҷ сол як маротиба** гузаронда мешавад;

б) **аз 1 январи соли 2025** дар муассисаҳои таълими умумии миёнаи низоми Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ **иловапулии иловагии ҳармоҳа ба миқдори 50 фоизи ставкаи кадрҳои педагогӣ**, ки сертификати сатҳи дахлдорро оид ба фанҳои **забони модарӣ, адабиёт ва таърих**, ки дар низоми арзёбии миллии Агентии арзёбии дониш ва ихтисоси назди Вазорати таълими олӣ, илм ва инноватсия гирифтаанд ва аз ин фанҳо дарс медиҳанд, дода мешавад.

**Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ** (Ҳ. Умарова) барои иҷрои пурра, хушсифат ва бечунучарои банди мазкур масъул муайян карда шавад.

13. **Аз 1 сентябри соли 2024** дар вилоятҳои Қашқадарё ва Сурхондарё ба тариқи озмоиш **ҳаракати бепули автобус** барои хонандагони мактабҳои миёнаи таълими умумӣ аз ноҳияҳои дурдаст **дар асоси аутсорсинг** ба роҳ монда шавад.

**Ҳокимияти вилояти Қашқадарё** (М. Азимов) ва **ҳокимияти вилояти Сурхондарё** (У. Қосимов) барои иҷрои пурра, хушсифат ва бечунучарои банди мазкур масъул муайян карда шаванд.

14. Ба мўҳлати **то охири соли 2024** бо назардошти эҳтиёҷот хосписҳо оиди расондани **ёрии паллиативӣ** ба беморони мубталои **бемориҳои вазнини гематологӣ, онкологӣ ва клиникиву иммунологӣ** дар марказҳои вилоятӣ, инчунин дар шаҳрҳои Тошканд ва Нукус созмон дода шаванд.

Ҳамзамон **таҷрибаи эълони грантҳои** Фонди ҷамъиятии дастгирии созмонҳои ғайридавлатию ғайритиҷоратӣ ва институтҳои дигари ҷамъияти шаҳрвандии назди Олий Маҷлис барои лоиҳаҳо оид ба созмон додан, таҳкими **пойгоҳи моддию техникӣ** ва **дастгирии доимии** фаъолияти хосписҳо ҷорӣ карда шавад.

**Раиси Шўрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошканд** барои иҷрои пурра, хушсифат ва бечунучарои банди мазкур масъул муайян карда шаванд.

15. Вазорати тандурустӣ (А. Худояров):

а) ба муҳлати **то 1 майи соли 2024** нақшаҳои омўзиши инҳоро муайян кунад:

аз соли 2025 – сатҳи **паҳншавии омилҳои хавфи бемориҳои ғайрисироятӣ** дар байни аҳолии калонсол;

аз соли 2026 якҷоя бо Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ (Ҳ. Умарова) – сатҳи паҳншавии **истеъмоли маҳсулоти тамоку** дар байни хонандагони мактабҳо ва **ҳолати равонии онҳо**;

б) ба муҳлати **то 1 декабри соли 2024** якҷоя бо Вазорати технологияҳои рақамӣ (Ш. Шерматов) миқдори хидматҳои давлатиро дар соҳаи нигаҳдории тандурустӣ, ки ба воситаи Портали ягонаи хидматҳои интерактивии давлатӣ расонда мешаванд, аз 17 то 24 адад расонда, дар доираи онҳо имконияти гирифтани маълумот дар бораи натиҷаҳои аз муоинаи **онкологӣ, кардиологӣ ва эндокринологӣ** гузаштани шаҳрвандон, инчунин дар бораи маблағҳое, ки барои муолиҷаи онҳо ҷудо карда мешаванд, фароҳам оварад.

16. Ба мақсади минбаъд такмил додани низоми дастгирии шаҳрвандон, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ ниёз доранд:

**дар соли 2024** зина ба зина низоми нави таъмини шахсони имконияташон маҳдуд бо маҳсулоти **замонавии протезию ортопедӣ** ва **воситаҳои техникии офиятбахшӣ** ҷорӣ карда шавад;

**аз 1 сентябри соли 2024** тартибе ҷорӣ карда шавад, ки амалӣ намудани ҳаракатҳои вобаста ба гирифтани маблағи пулиро аз ҳисобсурати нафақаи инфиродии ғунгарданда, **дар шакли проактивӣ** – ҳангоми таъини нафақа, инчунин **маълумот дар бораи имтиёзҳоро**, ки ба шахсони маълул дода мешаванд – ҳангоми муқаррар намудани маъюбӣ пешбинӣ менамояд;

**аз 1 декабри соли 2024** дар шаҳри Тошканд ба тариқи таҷриба амалиёти **расондани хидмати иҷтимоӣ** ба куҳансоли яккаву танҳо, ки танҳо зиндагӣ мекунанд ва шахсони ногиро аз ҳисоби маблағи Агентии миллии ҳифзи иҷтимоӣ ба воситаи **ташкилотҳои ғайридавлатӣ**, ки дар самти дахлдор фаъолият нишон медиҳанд, ҷорӣ карда шавад.

**Агентии миллии ҳифзи иҷтимоӣ** (М.Оллоёров) ва **Вазорати иқтисодиёт ва молия** (О.Фозилкаримов) барои иҷрои пурра, хушсифат ва бечунучарои банди мазкур масъул муайян карда шаванд.

17. Ба мақсади баланд бардоштани **нуфузи байналмилалии мактаби варзишии атлетикаи вазнин** дар соли 2024 **Маркази атлетикаи вазнин** дар шаҳри Чирчиқ барои созмон додани низоми **кори инфиродӣ** бо варзишгарони атлетикаи вазнини ҳамаи тоифаҳои синну сол ва ташкили омодагии касбии онҳо таъсис дода шавад.

**Вазорати варзиш** (А.Икрамов) ва **Кумитаи миллии олимпии Ўзбекистон** (О.Қосимов) барои иҷрои пурра, хушсифат ва бечунучарои банди мазкур масъул муайян карда шаванд.

18. Дар доираи самти **таъмини некуаҳволии аҳолӣ бо роҳи рушди иқтисодии устувор**:

дар бобати таъмини суръати инкишофи маҷмўи маҳсулоти дохилӣ дар дараҷаи **на камтар аз 6 фоиз**, сармоя – **на камтар аз 30 фоизи** нисбати маҷмўи маҳсулоти дохилӣ чорабиниҳо андешида шавад;

дар соҳаҳои иқтисодиёт **309 лоиҳаи калон** ба қимати 18 миллиард доллар ба кор андохта шавад;

**инфлятсияи** солона дар дараҷаи то 9 фоиз таъмин карда шуда, **дефитсити фискалӣ – то 4 фоиз**, дар бобати дар оянда коҳиш додани нишондодҳои инфлятсия ва дефитсити Буҷети давлатӣ чорабиниҳо андешида шавад;

ба соҳаи иқтисодиёт равон намудани **275 триллион сўм захираи кредит**, аз он ҷумла **хидматрасонии микромолиявӣ** дар ҳаҷми **41 триллион сўм** таъмин карда шавад;

дар асоси **механизмҳои бозаргонӣ** шароите фароҳам оварда шавад, ки **барои 2-3 фоиз коҳиш додани банди ставкаи кредит**, ки аз ҷониби бонкҳо дода мешавад, ногузир мебошад.

**Муовини Сарвазир Ҷ. Қучқоров** ва **Бонки марказӣ** (Б. Нурмуратов) барои иҷрои пурра, сифатнок ва бечунучарои банди мазкур масъул муайян карда шаванд.

19. **Аз 1 апрели соли 2024** талаботи кооператсияи саноатӣ дар лоиҳаҳои калоне, ки аз ҳисоби манбаъҳои марказонидашуда дар доираи барномаи сармоягузории давлатӣ татбиқ мегарданд, ба амал ҷорӣ карда шавад.

Ҳамзамон рўйхати **маҳсулоте, ки барои азхудкунӣ** ва **хариди корхонаҳои давлатӣ дар доираи лоиҳаҳо тавсия дода мешавад,** ҳамчунин **нақшаи ҷалби мутахассисони ватанӣ** ва талабот ба онҳо пешбинӣ карда шавад.

**Вазорати сармоя, саноат ва савдо** (Л. Қудратов) ва **Вазорати иқтисодиёт ва молия** (Б. Хоҷаев) барои иҷрои пурра, сифатнок ва бечунучарои банди мазкур масъул муайян карда шаванд.

20. Бо мақсади фароҳам овардани шароити муносиб барои гузаштан ба **«иқтисодиёти сабз»** ва афзудани саҳми манбаъҳои **«энергияи сабз»** дар ҷумҳурӣ:

а) **дар муддати то 1 апрели соли 2024:**

ташкили гардиши **сертификатҳои «энергияи сабз»** дар асоси **принсипҳои бозаргонӣ** таъмин карда шавад;

тартиби татбиқи лоиҳаҳо дар самти савдои байналхалқии газҳои зарарнок тасдиқ карда шавад;

б) давра ба давра аз **1 апрели соли 2024** низоми замонавии мониторинг, ҳисоботдиҳӣ ва верификатсия дар соҳаи тағйири иқлим (MRV) ва пойгоҳи маълумотҳо ба амал ҷорӣ карда шавад;

в) дар муддати **то охири соли 2024** ба баҳрабардорӣ супурдани **6 неругоҳи бузурги офтобӣ** бо иқтидори умумии 2700 МВт дар **вилоятҳои Тошканд, Қашқадарё, Бухоро, Намангон ва Навоӣ** бо иштироки сармоягузорони хориҷӣ таъмин карда шавад.

**Вазорати иқтисодиёт ва молия** (И. Норқулов) ва **Вазорати энергетика** (Ҷ. Мирзомаҳмудов) барои иҷрои пурра, сифатнок ва бечунучарои банди мазкур масъул муайян карда шаванд.

21. Агентии идораи активҳои давлатӣ (А. Ортиқов) **дар муддати як моҳ** дар масъалаҳои зерин чорабиниҳои амалӣ андешад:

**то 50 фоиз** давра ба давра **коҳиш додани нархи ибтидоии активҳои давлатие**, ки дар савдои кушод дар зарфи беш аз се моҳ ба фурўш нарафтааст;

фароҳам овардани шароит барои **мўҳлат ба мўҳлат пардохтани 15 фоиз дар муддати се моҳ**, қисми боқимонда дар муддати даҳ сол – дар сурате, ки агар қитъаҳои замин дар зарфи шаш моҳ фурўхта нашуда бошад.

22. **Аз 1 апрели соли 2024** ба мақомоти хидмати гумрук вазифаи назоратӣ **дар соҳаҳои карантин, ҳолати хуби санитарию эпидемиологӣ ва ветеринарӣ**, ки бо расмӣ гардондани **маҳсулоти меваву сабзавот ва озуқаворӣ** дар гузаргоҳҳои гумрукии сарҳад алоқаманданд, дода шавад.

**Кумитаи гумрук** (А. Мавлонов) барои иҷрои пурра, сифатнок ва бечунучарои банди мазкур масъул муайян карда шавад.

23. **Аз 1 июли соли 2024** эътиборан бо мақсади куллан баланд намудани дараҷаи шаффофияти фаъолият ва **минбаъд такмил додани идораи корпоративӣ дар корхонаҳо бо саҳми давлатӣ амалиёти ба ҷамъият кушоди ҳарсола то 1 июл** ҳисоботи андоздиҳандагони бонуфуз, бо саҳми 50 фоизаи давлатӣ ва бештар аз он **дар бораи ҳолати масъулияти иҷтимоии корпоративӣ (CSR)** ва инчунин **идораи экологӣ, иҷтимоӣ ва корпоративӣ (ESG)** татбиқ карда шавад.

**Вазорати иқтисодиёт ва молия** (Б. Хоҷаев) ва **Агентии идораи активҳои давлатӣ** (А. Ортиқов) барои иҷрои пурра, сифатнок ва бечунучарои банди мазкур масъул муайян карда шаванд.

24. Бо мақсади дастгирии **тавлидгарони ватанӣ ва афзудани ҳаҷми содирот то 1 январи соли 2027** мўҳлати истифодаи **ставкаи сифрии боҷи гумруки воридотӣ** барои молҳое, ки бинобар қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 20 октябри соли 2021 №ҚП «Дар бораи чорабиниҳо оид ба минбаъд вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти қобили рақобат» пешбинӣ гаштааст, дароз карда шавад.

**Вазорати иқтисодиёт ва молия** (А. Я. Ҳайдаров) ва **Кумитаи гумрук** (А. Мавлонов) барои иҷрои пурра, сифатнок ва бечунучарои банди мазкур масъул муайян карда шаванд.

25. Дар доираи **самти сарфаи захираи об ва ҳимояи муҳити зист** чорабиниҳои зерин андешида шавад:

дар доираи лоиҳаи умумимиллии **«Макони сабз» на камтар аз 200 миллион бех ниҳоли** ороишӣ ва мевадиҳанда, бута, қаламча ва дар ҷумҳурӣ дар соли 2024 ба вуҷуд овардани **444 боғи сабз**;

**то 1 марти соли 2024** корҳо дар бобати бетонрезии каналҳои калони дарозиашон **камтар аз 1,5 ҳазор километр** дар доираи ҷудо намудани маблағи иловагӣ ба миқдори **500 миллиард сўм** аз Буҷети давлатӣ барои таъмири каналҳои об.

**Муовини Сарвазир** А. Раматов, **Вазорати хоҷагии об** (Ш. Ҳамроев), **Палатаи ҳисобу китоб** (А. Бобоев) ва **Вазорати иқтисодиёт ва молия** (И. Норқулов) барои иҷрои пурра, сифатнок ва бечунучарои банди мазкур мувофиқан масъул муайян карда шаванд.

26. Дар доираи мубориза бар зидди тундбоди чанг ва коҳиш додани оқибатҳои манфии онҳо дар мамлакат:

а) **аз 1 марти соли 2024** эътиборан:

дар минтақаҳо таҷрибаи хабардор намудани аҳолӣ ҳангоми **ба вуҷуд омадани туфони чангу ғубор ва муайян кардани ҳолатҳои аз меъёр зиёд гардидани таркиби қисмҳои майдаи** онҳо дар ҳавои атмосфера, мунтазам аз чораҳои профилактикӣ хабардор намудани **одамоне, ки аз бемориҳои дилу раг ва роҳҳои нафаскашӣ** азият мекашанд ва инчунин дигар шаҳрвандоне, ки саломатии онҳо нисбати ифлос гардидани ҳаво ҳассосияти зиёд доранд;

талаботи ҳатмӣ барои бартарафсозӣ доир ба ҳаво бардошта шудани **хоки чанг ва рег дар майдонҳои сохтмони ҳаҷмашон 500 метри мураббаъ ва бештар аз он**, роҳҳои даромаду баромади онҳо;

дар шаҳри Тошканд **нақлиёти автомобилие**, ки барои боркашонӣ муқаррар гаштаанд ва **ба тоифаҳои N2, N3, O4** дохил мешаванд – бо **вазни ҳадди аксари** иҷозатшудаи **беш аз 10 тонна** дар соатҳои пурравуо, манъ карда шавад. Ҳамзамон муайян карда шавад, ки маҳдудсозиҳои мазкур нисбат ба воситаҳои нақлиёти боркашони хидматҳои махсус, аз он ҷумла хоҷагиҳои коммуналӣ, ободонӣ ва Кувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ўзбекистон татбиқ намегарданд;

б) **то муддати соли 2030** марҳала ба марҳала **истифодаи автомошинҳое**, ки ба **стандарти «ЕВРО-5»** ва балантар аз он мутобиқ нестанд, дар шаҳрҳои Тошканд, Нукус ва марказҳои вилоятҳо маҳдуд карда шаванд.

**Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйири иқлим** (А. Абдуҳакимов), **Вазорати тандурустӣ** (А. Худоёров), **Вазорати сохтмон ва хоҷагии иқомативу коммуналӣ** (Б. Зокиров) **Вазорати корҳои дохилӣ** (П. Бобоҷонов) ва **Вазорати нақлиёт** (И. Маҳкамов) мувофиқан барои иҷрои пурра, сифатнок ва бечунучарои банди мазкур масъул муайян карда шаванд.

27. Пешниҳоди намояндагони ҷомеаи васеъ ва экофаъолон дар бораи татбиқи лоиҳаи ҷамъиятии **«Рўзи бе автомобил»**, ки ба кам кардани ҳаракати автомобилҳо (ба истисноии нақлиёти ҷамъиятӣ, махсус ва хидматҳои таъҷилӣ) **дар шаҳри Тошканд дар зарфи 1 рўзи корӣ ҳар моҳ** нигаронда шудааст, дастгирӣ карда шавад, ки ба мақсади кам кардани таъсири манфии **гази зарарноки** автомобил ба экология андешида шудааст.

Ҳамзамон **роҳбарон ва дигар кормандони ҳокимияти иҷроияи мақомоти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ**, ки биноҳои онҳо дар шаҳри Тошканд воқеъ гаштаанд, бо роҳи ба воситаи нақлиёти ҷамъиятӣ ба ҷои кор омадан **намунаи шахсӣ** нишон диҳанд.

**Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйири иқлим** (А. Абдуҳакимов), **Вазорати нақлиёт** (И. Маҳкамов) ва **ҳокимияти шаҳри Тошканд** (Ш. Умурзоқов) барои иҷрои пурра, сифатнок ва бечунучарои банди мазкур масъул муайян карда шаванд.

28. **Дар доираи самти таъмини волоияти қонун, ташкилотҳои идораи давлатӣ, ки барои хидмати халқ нигаронда шудаанд**, дар муҳлати то 1 майи соли 2024:

бо мақсади **ба ҷамъият гаравидани** ҷавононе, ки ба роҳи бад даромадаанд, ҳамдастӣ намудан ба онҳо дар **пайдо кардани ҷойгоҳи худ** дар ҳаёт таҷрибаи **аз ҳисоби пробатсионӣ хориҷ кардани** ҷавонон, ки шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо дар асоси шафоати Иттиҳоди ҷавонон озод шудаанд, ҷорӣ карда шавад ва инчунин куллан коҳиш додани асосҳо барои гузоштани онҳо ба ҳисоби профилактикӣ;

фароҳам овардани имконоти муроҷиат намудан дар шакли электронӣ аз тариқи Портали ягонаи интерактивии хидматрасонии давлатӣ ба **Хидмати бехатарии ҳаракати роҳ** дар иртибот бо қарор ва хабардиҳӣ бинобар ҳолатҳои вайрон намудани қоидаи ҳаракати роҳ.

**Вазорати корҳои дохилӣ** (П. Бобоҷонов), **Агентӣ оид ба корҳои ҷавонон** (А. Саъдуллоев) ва **Вазорати технологияи рақамӣ** (Ш. Шерматов) барои иҷрои пурра, сифатнок ва бечунучарои банди мазкур масъул муайян карда шаванд.

29. Бо мақсади табдил додани **маҳалла ба ҳалқаи такягоҳӣ дар муносибати байни мақомоти ҷамъиятӣ ва давлатӣ:**

аз 1 **апрели соли 2024** тартиби қабули лоиҳаҳо ба баҳрабардорӣ дар доираи **«Буҷети ташаббусӣ»** қатъиян пас аз дастрас намудани **рухсати ташаббускорон, раис** ва **фаъолони маҳалла** бинобар **сифати** корҳои иҷрогардида ҷорӣ карда шавад;

дар муддати то **1 августи соли 2024** барои мақомоти худидораи шаҳрвандон имконоти аз мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ дарёфт намудани **маълумот дар бораи лоиҳаҳое**, ки дар доираи «Буҷети ташаббусӣ» ба амал татбиқ мегардад, **сари вақт талаб намудани ҷудо кардани маблағ дар ҳаҷми пурра ва инчунин бурдани мониторинги ҷамъиятии** татбиқи лоиҳаҳо фароҳам оварда шавад.

**Вазорати иқтисодиёт ва молия** (А. Я. Ҳайдаров) ва **Ассотсиатсияи маҳаллаҳои Ўзбекистон** (Қ. Қуронбоев) барои иҷрои пурра, сифатнок ва бечунучарои банди мазкур масъул муайян карда шаванд.

30. Вазорати иқтисодиёт ва молия таҷрибаи **мунтазам** дар веб-сайти расмии худ барои шинос намудани аҳолӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои молиявии **ҳисоботи солона ва нимсола доир ба даромади** Буҷети давлатӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ, **харҷҳои сарфшуда ва ба нақша гирифташуда** дар шакли оддӣ нашр намуданро ҷорӣ намояд.

31. Дар самти муттасил идома додани сиёсате, ки **ба принсипи «Давлати бехатар ва сулҳдўст»** асос меёбад, бо мақсади куллан баланд бардоштани потенсиали Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар вазорат ва идораҳое, ки барои соҳаи мазкур масъуланд, доир ба таъмини кибербехатарӣ ва суботи эпидемиологӣ:

дар ҳар як вазорат ва идора **ўҳдадории шахсоне, ки барои аттестатсия ва экспертизаи низомҳои иттилоотӣ масъуланд**, муайян карда шаванд, ки инҳо унсурҳои муҳими инфрасохтори кибербехатарӣ ба шумор меравmember;

доир **ба такомули барномаҳои таълимӣ ва усулҳои таҳсил**, ки ба тарбияи кадрҳо бинобар самтҳои мазкур нигаронда шудаанд, **бо назардошти таҳдид ва таҷрибаи замонавӣ** чорабиниҳо андешида шавад;

дар мамлакат барномаи такомули **инфрасохтори рақамӣ ва ҳарбиву тиббӣ**, тадриҷан таъмин намудани идораҳои масъул бо техникаи замонавӣ ва дастгоҳҳои тиббӣ татбиқ карда шавад;

низоми таъмини кафолатноки **ҳимояи маълумотҳои шахсии** шаҳрвандон, **муқовимат ба зидди қаллобӣ барои бонкҳо ва низоми пардохт** ва ҳамчунин **низоми замонавии биометрӣ** татбиқ карда шавад.

**Вазорати мудофиа** (Б. Қурбонов), **Вазорати корҳои дохилӣ** (П. Бобоҷонов), **Вазорати технологияи рақамӣ** (Ш. Шерматов) ва **Бонки марказӣ** (Н. Саъдуллоев) барои иҷрои пурра, сифатнок ва бечунучарои банди мазкур масъул карда шаванд.

32. Инҳо таъмин карда шаванд:

Агентии ислоҳоти стратегӣ якҷоя бо Вазорати адлия ва Палатаи ҳисобу китоб – ба амал татбиқ намудани **мониторинги низомноки** иҷрои лоиҳаҳои чорабиниҳои амалӣ, дарёфти нишондодҳои мақсаднок ва таҳияи лоиҳаҳои ба ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқии марбут оид ба самтҳои доираи Стратегияи «Ўзбекистон–2030»;

Маркази «Стратегияи рушд» ва Ҷунбиши «Юксалиш» – **мутолиаи** мунтазами **танқидии** чораёни татбиқи Барномаи давлатӣ, аз он ҷумла **бо рафтан ба маҳалҳо** ва **баҳисобгирии афкори ҷамъият**, бинобар ба натиҷа – **ҳар моҳ дохил намудани** маълумоти марбут ба **Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**.

Мақомоти ҳокимияти давлатӣ, вазорат ва идораҳо ва ҳамчунин мақомоти ҳокимияти иҷроия дар маҳалҳо ба **фаъолияти** Маркази «Стратегияи рушд» ва Ҷунбиши «Юксалиш» **бинобар иҷрои банди мазкур аз ҳар ҷиҳат ҳамдастӣ** намоянд.

33. Ба Девони Вазирон:

**бинобар ҷамъбасти ҳар моҳ** сарҷамъ намудан ва ба Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон расондани маълумот дар бораи чараёни татбиқи Барномаи давлатӣ;

**бинобар поён ёфтани ҳар семоҳа** дар ҷамъомадҳои Раёсати Девони Вазирон дар рўҳи танқидӣ муҳокима намудани **саривақтӣ, пурра ва иҷрои сифатноки** вазифаҳое, ки Барномаи давлатӣ гузоштааст;

**дар ҳар ним сол** ба Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис додани ҳисобот дар бораи иҷрои Барномаи давлатӣ.

34. Агентии иттилоот ва коммуникатсияи оммавӣ (А. Хоҷаев), Ширкати миллии телерадиои Ўзбекистон (А. Ҷўрабоев) ва Агентии миллии иттилотии Ўзбекистон (А. Кўчимов) якҷоя бо воситаҳои ахбори оммавӣ **дар асоси доимӣ** таъмин намоянд:

васеъ шарҳ додан дар воситаҳои ахбори оммавӣ, аз ҷумла, дар шабакаи Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ, **натиҷаи татбиқи Стратегияи «Ўзбекистон–2030» дар соли 2024** ва инчунин ба ҷамъият фаҳмондани моҳият ва мазмуни он;

таъҷилан то маълумоти аҳолӣ расондани иттилооти холис ва пурра **дар бораи ҷараён ва натиҷаҳои тамоми чорабиниҳое**, ки дар доираи **Стратегияи «Ўзбекистон 2030**» баргузор мегарданд.

35. Ба ўҳдаи роҳбарони **вазорат ва идораҳо, Раиси Шўрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошканд** масъулияти шахсӣ барои ташкили босамари иҷрои Фармони мазкур гузошта шавад.

Мунтазам муҳокима гардидани ҷараёни иҷрои Фармони мазкур, ба амал татбиқ намудани танзим ва назорат аз болои фаъолияти ташкилотҳо, масъулони иҷрои он ба ўҳдаи **Комиссияи ҷумҳурӣ оид ба татбиқи Стратегияи «Ўзбекистон–2030»** гузошта шавад.

Маълумот дар бораи чорабиниҳои баамалтатбиқгардида дар ҳар се моҳ ба Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон тақдим карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД, 21 феврали соли 2024.*

Варзиш

***Хонандаи синфи 5-уми мактаби миёнаи рақами 9-уми шаҳри Самарқанд Рухшона Шарофиддинова дар мусобиқаи байналхалқӣ оид ба гимнастикаи бадеӣ, ки дар Дубай баргузор гардид, медали тиллоро ба даст овард.***

# ҒАЛАБАИ НАЗАРРАСИ МАКТАБХОНИ ХУРДСОЛ



Дар таълимгоҳ ҳамсинфону устодон ӯро бо тантана пешвоз гирифта, бо комёбӣ табрик гуфта, гулдастаҳои тару тоза тақдим карданд.

– Шогирдам Рухшона дар 12-солагӣ аллакай дар олами варзиш шуҳратманд гардид, – бо ҳисси шодмонӣ гуфт роҳбари синфаш Дилбар Бурҳонова, – ӯ инчунин аълохон аст. Расм кашидан, китоб хондан ва саёҳат карданро дӯст медорад. Ман аз фурсат истифода бурда, ба волидайни ӯ сипосгузорӣ мекунам, ки ба таълиму тарбияи фарзандон диққату эътибори хоса зоҳир мекунанд. Кошкӣ, дигарон ибрат мегирифтанд. Гоҳе ҳайрон мешавам, ки аксарият ба «касал»- и телефонбозӣ гирифторанд.

– Варзишгари дӯстдоштаи ман Оксана Чусовитина – ғолиб ва иштирокчии бисёркаратаи чемпионати ҷаҳон ва бозиҳои олимпӣ аст, – мегӯяд Рухшона бо табассум.

Мо ба варзишгари ҷавону умедбахш комёбиҳои нав ба нав таманно дорем.

**Баҳодури ЗОҲИР,**
*вилояти САМАРҚАНД*

Табиби ман – ҳабиби ман

# ДАРДРО ТАНҲО ТАБОБАТ ДОРУ НЕСТ...

Дар зиндагӣ тани сиҳат асоси саодатмандии инсон аст ва бояд ҳар фарди ҷомеа нисбати саломатии худу наздиконаш беparво набошад. Лоиқ Шералӣ ба ин маънӣ фармудааст:

*Табиби ман ба ғайр аз ман*
*касе нест,*
*Ҳабиби ман ба ғайр аз ман*
*касе нест.*
*Ман аз ин умрфарсоӣ бидонам,*
*Рақиби ман ба ғайр аз ман*
*касе нест...*

Аз қадимулайём ниёгони мо ба табибон арҷгузорӣ карда, онҳоро аз ҷумлаи ашхоси соҳибнуфузи ҷомеа эътироф намудаанд. Дар таълимоти дини мубини ислом низ пизишкон мавриди эҳтиром қарор гирифта, чун «фариштагони саломатӣ» арзёбӣ гаштаанд. Аз таълифоти исломӣ бармеояд, ки Худованд муъҷизаашро баҳри шифо ёфтани беморон тавассути табибон нишон дода, ба ин васила барои ризқу рӯзӣ пайдо кардани онҳо шароит фароҳам меовардааст.

«Дардро танҳо табобат дору нест, лафзи ширин ҳам табобат мекунад», фармудааст шоире. Шифокори ботаҷриба, соҳиби нишони сарисинагии «Аълочии ҳифзи тандурустии Ҷумҳурии Ӯзбекистон» Асқар Наврӯзов аз шифокоронест, ки баробари доруву дармон бо лафзи ширини худ беморонро шифо мебахшад. Ҳини қабул вазъи саломатии ҳар як мизоҷро дақиқ таҳлил намуда, баъди нишондиҳандаҳои лабораторӣ ба кор шурӯъ мекунад.

Асқар Наврӯзов соли 1977 дар ноҳияи Сирдарёи вилояти Сирдарё дар оилаи шифокор Адибек Наврӯзов дида ба дунё кушодааст.

Шабу саҳар ба хонаи онҳо беморону корафтодагон равуо доштанд ва Наврӯзи ҷавон медид, ки падараш, бо вуҷуди серкорӣ, ба кумаки онҳо мешитофт. Чунин мушоҳидаҳо буд, ки ӯ низ аз хурдсолӣ орзуи шифокор шуданро дар дили кӯчакаш парварид.

Соли 1993 баъди хатми мактаби миёнаи рақами 9-уми шаҳри Гулистон ҳуҷҷатҳояшро ба Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон супорид ва хушбахтона донишҷӯ гардид. Соли 2000 донишгоҳро бомуваффақият хатм намуд. Солҳои 2000-2003 дар бахши нейрохирургияи Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон таҳсили худро идома дод.

– Он солҳо солҳои даргирии дохилӣ дар Тоҷикистон буд. Бо вуҷуди сахтиҳои зиндагӣ таҳсилро идома додем. Чун шоҳиди он ҳодисаҳо гумон намекардем, ки кишвари ҷангзада қоматашро аз нав рост мекунад...

Дертар ба туфайли иродаи сиёсии президентҳои ду кишвар – муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Шавкат Мирзиёев гузаргоҳҳои сарҳадӣ боз шуданд. Нафарони аз дарди ҷудоӣ азияткашида шифо ёфтанд. Дӯстӣ ободӣ ва тараққиёт аст. Имрӯз пойтахти Тоҷикистон – Душанбе низ ба таври шинохтанашаванда обод шудааст. Донишомӯзони ду мамлакат бе биму ҳарос дар муассисаҳои таълими олӣ, аз ҷумла дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон, таҳсил мекунанд. Ба сифати мутахассиси соҳа аз он меболам, ки поликлиника ва клиникаҳои ҳар ду кишвар бо таҷҳизоти замонавии тиббӣ ҷиҳозонида мешаванд. Дар онҳо ҷарроҳиҳои мушкил, мисли иваз кардани дилу гурда, ҷигар ва дигар узвҳои даруниии инсон анҷом дода мешаванд. Сарвари мамлакатамон ба ду соҳаи асосӣ – бахши тандурустӣ ва мактабу маориф эътибори ҷиддӣ медиҳад. Бахши тандурустӣ ба ҷисми инсон ва мактабу маориф ба рӯҳи ӯ сарукор дорад. Аз ин рӯ, инсони ҷисмонан ва руҳан солим ба рушди мамлакат саҳми назаррас мегузорад, – изҳор дошт дар рафти суҳбат Асқар Наврӯзов.

Тақозои рӯзгор Асқар солҳои 2003 – 2013 дар Маркази ёрии таъҷилии шуъбаи нейрохирургияи вилояти Сирдарё фаъолияташро давом дод.

Бино ба қарору фармонҳои роҳбари давлат дар мамлакатамон ба рушди соҳибкорӣ имкониятҳои васеъ фароҳам оварда мешавад. Клиникаҳои хусусӣ ба вуҷуд омаданд.

Қаҳрамони мо хост аз ин имкониятҳо босамар истифода барад.

Ин буд, ки бо маслиҳату дастгирии падару модар – Адибек ва Қурбоной Ҷамъияти масъулияташ маҳдуде созмон дод ва ин маскани шифо зуд мизоҷони худро пайдо кард.

Дар ин ҷо бемориҳои фишорбаландӣ, дилу раг, гурда, ҷигар ва амсоли он бо сӯзандоруву масҳ муолиҷа карда мешавад. Ба ғайр аз ин, оби гарми ёддор, намаки баҳр ва дигар гиёҳҳои шифобахш ба тани беморон дармон мебахшад.

– Соле ду маротиба дар ин маскани шифо, дар баробари истироҳат, саломатиамро барқарор менамоям. Ҳар як хона дорои телевизор, яхдон, кондитсионер ва мизу курсӣ аст. Ин ҷоро маскани шифо ва дӯстиву рафоқат гӯем ҳам мешавад. Бо Гулбаҳори қирғиз, Орзугули тоҷик, Ҳидоятхони қазоқ ошноӣ пайдо кардам, – мегӯяд бемор Ситорабонуи хуҷандӣ.

– Вақте фасли баҳор расид, гулҳои шукуфта, дарахтони меваноку сояафкан ба ҳусни маскани шифо меафзоянд. Дар замини рӯйи ҳавлӣ барои хӯроки беморон сабзавоту кабудиҳо кошта мешаванд, – мегӯяд холаи Қурбоной.

– Бобокалони ман аз деҳаи Моҷарми ноҳияи Фориш будаанд. Солҳои муҳоҷиршавӣ ба дашт кӯч баста, дар ободу шодоб гардондани заминҳои бекорхобидаи Мирзочӯл саҳми худро гузоштаанд. Нақши падару модар дар тарбия ва ба камол расондани фарзанд хеле назаррас аст, – гуфт дар фарҷоми сухан Асқар.

Бале, қадимиёни мо беҳуда нагуфтаанд:

*Бе пир марав, дар бимонӣ,*
*Ҳарчанд Сикандари замонӣ.*

Фарзандони қобил, аз рӯйи анъана, ҳар кореро оғоз намоянд ё ба сафари дуре омодагӣ гиранд, аз пирони хонадон – бобову бибӣ ва падару модар дуои фотиҳа мегиранд. Асқар низ пеш аз оғози кори нек аз пири кори худ – падараш ва модари меҳрубонаш дуо гирифта буд.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

Аз ҳаёти маҳалла

***Ба наздикӣ Президент Шавкат Мирзиёев дар бароmади худ дар робита бо издивоҷи духтарони ноболиғ сухан ронда, оқибатҳои онро барои ҷомеаи мамлакат нигаронкунанда арзёбӣ кард. Вай боз қайд намуд, ки бархе аз духтарон ба хешовандони наздики падару модари онҳо ба шавҳар дода мешаванд, ки ин ҳол низ оқибатҳои нохуш дорад.***

# ФАЪОЛОНИ МАҲАЛЛА НИЗОЪҲОИ ХОНАВОДАГИРО ПЕШГИРӢ МЕКУНАНД

Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Навоӣ»-и ноҳияи Риштон 1 ҳазору 815 нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунад ки аз ин 800 нафарашон занону духтарон мебошанд. Инчунин ҷамоати мо 350 нафар ҷавонони аз 14 то 30 соларо муттаҳид намудааст. Дарвоқеъ, маҳаллаи мо аз минтақаҳои навбунёди шаҳри Риштон ба шумор меравад, аз ин рӯ, оилаҳои ҷавон аксариятро ташкил медиҳанд.

Ҷамоати шаҳрвандони маҳалла аз чунин ҳолатҳои ногувор, мисли низоъ ва зӯроварӣ, аз ҳам ҷудо шудани зану шавҳар то андозае орӣ мебошад. Зеро фаъолони маҳалла ба таври доимӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ мебарад. Хусусан, баъди суханронии Президент чунин корҳо дар маҳаллаи мо беш аз пеш вусъат пайдо намудааст ва дар асnои бурдани корҳои тарғиботиву ташвиқотӣ фаъолони маҳалла ба ин ҷиҳат бештар эътибор медиҳанд.

Чанде қабл ба идораи ҷамоати маҳалла хабар расид, ки духтари ноболиғеро бар хилофи хоҳиши ӯ ба шавҳар медиҳанд. Дарҳол аъзои комиссияи маҳалла ба хонаводаи ин духтар рафта вазъиятро омӯхтанд. Маълум шуд, ки бидуни ягон сабаб падару модари духтару писар тӯйи арӯсӣ баргузор кардаанд ва ба гуфтаи онҳо худро аз як ташвиш раҳондаанд. Ба падару модари писару духтар фаҳмонда шуд, ки издивоҷи бармаҳали духтар метавонад ӯро ба бемориҳои гуногун рӯ ба рӯ намояд.

Хушбахтона, дар натиҷаи ин фаҳмондадиҳӣ қарор карда шуд, ки духтари арӯсшаванда аввал дар ягон муассисаи таҳсилоти олӣ рафта таҳсил кунад ва баъд ҷиҳати издивоҷи онҳо ба як қарор хоҳанд омад. Ҳоло ин духтар дар Донишкадаи давлатии омӯзгории Қӯқанд мехонад.

Масъалаи зӯроварӣ ва низоъҳои хонаводагӣ низ аз тарафи сарвари давлат мавриди интиқод қарор гирифт. Чунин вазъият дар оилаҳое ба вуқӯъ мепайвандад, ки мард ба айшу нӯш ва майзадагӣ дода шудааст ва ё аз илму маърифат дур буда, ҳамеша худро аз дигарон боло мешуморад. Гумон мекунад, ки маҳз ӯ ҳокими хонадон аст ва зану фарзандон бояд ҳар фармудаи ӯро бекамбудӣ иҷро кунанд. Тайи се-чор соли охир боре нашудааст, ки дар ин ё он хонавода аз зӯроварии шавҳар доду фиғони зан ва кӯдакони ӯ баланд шавад. Ин беҳуда нест, зеро ғайр аз 15 нафар аъзои доимии комиссияи ҷамоати шаҳрвандони маҳалла, инчунин дар ҳар кӯчаи он фаъолони мо вобаста карда шудаанд ва онҳо саривақт аз низоъҳои хонаводагӣ пешгирӣ мекунанд.

Ногуфта намонад, ки соли 2023 танҳо се оила дар маҳаллаи мо рӯ ба парокандагӣ овард ва он бесабаб набуд. Баъди солҳои дарози зиндагӣ маҳз бефарзандӣ зану шавҳарро маҷбур намуд, ки аз ҳам ҷудо шаванд ва шояд издивоҷ бо шахси дигар онҳоро соҳиби фарзанд гардонад.

Дар қаламрави ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Навоӣ» се кӯдакистони хусусӣ фаъолият дорад. Барои маълумот зикр кардан мумкин аст, ки ин кӯдакистонҳо сад фоиз фарзандони аз 3 то 6 солаи сокинони онро фаро гирифтаанд. Инчунин дар маҳалла 65 корхонаи хусусӣ мавҷуд аст, ки 45-тои он аз субъектҳои ба рӯйхат гирифташуда иборатанд. Маҳалла аз оилаҳои камбизоат низ орӣ мебошад.

Сокинони маҳаллаи моро асосан соҳибкорон ташкил медиҳанд.

Роҳбари корхонаи оилавии «Mingboshi ceramic» Шокирҷон Аҳмадҷонов аз зумраи соҳибкорони маҳаллӣ мебошад. Маҳсулоти корхонаи ӯ дар бозорҳои берун аз кишварамон харидорони худро дорад. Ҳоло ин корхона дар ҷумҳурӣ ҷиҳати содир намудани маҳсулоти кулолгарӣ мавқеи хосро ишғол мекунад.

Муҳайё Сатторова дувумин шахсест, ки чун соҳибкорзани ноҳия муаррифӣ шудааст. Вай ширкати хусусии ҶДММ «MM Porcelain»-ро таъсис додааст. Ҳоло духтари ӯ Сурайё бо гирифтани 1 миллиард сӯм кредити имтиёзнок талош дорад, ки аз ҳисоби ин маблағ корхонаи хусусии кулолгарии калонтарин дар ноҳияи Риштонро таъсис диҳад ва садҳо нафарро бо кор таъмин намояд.

Назокат Дадабоева, Лолахон Яқубова ва Саёҳат Салоҳиддинова аз ҳамин шумори занҳои соҳибкор мебошанд. Дар айни ҳол аз 71 ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи ноҳияи Риштон дар 39-тои он одамони зиёд ба кулолгариву косибӣ машғул мебошанд, ки марбути корхонаҳои соҳибкорони варзидаи маҳаллаи моянд.

**Гулчеҳра ДОДОБОЕВА,**
**фаъоли занону духтарони ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Навоӣ»-и ноҳияи Риштони вилояти Фарғона.**

*Дар маҳаллаи Мирзо Улуғбеки шаҳри Ширини Сирдарё дар асоси барномаи «20 ҳазор соҳибкор – 500 ҳазор мутахассиси соҳибмалака» маҷмааи бисёрсамтаи варзиш бунёд гардид. Ба он аз ҷониби соҳибкорон қариб 7 миллиард сӯм маблағ сарф шудааст.*

*Маскани варзишии мазкур барои гузаронидани мусобиқаҳо, тарбия намудани варзишгарони соҳибмалака ва аз ҳама асосиаш васеъ ҷалб кардани ҷавонон ба намудҳои оммавии варзиш пешбинӣ шудааст.*

*Баробари кушода шудани маҷмаа машғулотҳои варзишии футбол, теннис, санъати ҷангӣ ба роҳ монда шуд.*

***Дар сурат:** маросими кушоиши маҷмааи варзишии бисёрсамтаи шаҳри Ширин.*

***Суратгир: Ш. ОРТИҚОВ (ЎзА).***



# КИТОБИ МУАРРИХИ — КУВАЙТӢ «КИШВАРҲОИ МОВАРОУННАҲР» АЗ ЧОП БАРОМАД

***Дар сафоратхонаи Ӯзбекистон воқеъ дар Ал-Кувайт бо муаррих ва нависандаи шинохтаи Кувайт, муаллифи китоби «Кишварҳои Мовароуннаҳр» Нодир ал-Васир вохӯрӣ баргузор шуд.***

Дар ҷараёни мулоқот ислоҳоте, ки дар Ӯзбекистон татбиқ мешаванд, ҳамчунин масъалаҳои тарғибу ташвиқи васеи забони ӯзбекӣ, адабиёт ва таърихи Ӯзбекистон дар Кувайт ва мамолики араб баррасӣ гардид.

Нодир ал-Васир муфассал ҳикоя кард, ки бори аввал соли 2017-ум ба Ӯзбекистон сафар кард, зеро соҳиби дараҷаи магистри таърих гардида, ба таърихи кишварҳои исломӣ рағбат зоҳир намудааст. Ҳамон вақт дар ӯ ғояи навиштани китоб дар бораи шаҳрҳои таърихии мамлакати мо пайдо гардид. Нависанда ҳамчунин изҳор дошт, ки дар асоси маълумоти ҳангоми сафараш ҷамъоварда, дар бораи шаҳрҳои бостонии Ӯзбекистон панҷ мақолаи илмӣ навишт.

«Ман ба Ӯзбекистон солҳои 2017, 2018, 2022 ва 2023-юм сафар кардам, то асари худ «Кишварҳои Мовароуннаҳр»-ро нависам. – Ман таърихи шаҳрҳои куҳан, аз ҷумла Самарқанд, Бухоро, Тошканд ва Хиваро бевосита омӯхтам ва аз олимони маҳаллӣ маълумоти муҳим гирифтам, бо китобҳои таърихӣ шинос шудам. Мақолаҳои илмӣ, рисолаҳои номзадӣ, докторин муҳаққиқони Мисрро дар бораи таърих ва шаҳрҳои қадимаи Ӯзбекистон мехонам. Асарҳои олимони ӯзбек ва рус, ки ба забони арабӣ тарҷума шудаанд, низ аз назари ман дур намонданд. Дар натиҷа тавонистам, ки китоби «Кишварҳои Мовароуннаҳр»-ро нависам ва онро соли 2023-юм чоп намоям».

Дар китоби мазкур оид ба даврони паҳншавии ислом дар ҳудуди Ӯзбекистони кунунӣ то тасхир шудани он аз ҷониби Русияи шоҳӣ маълумоти муҳим ва дақиқ ҷамъоварӣ шудааст. Аз ҷумла, китоб аз бобҳои бахшида ба таърихи Сомониён, Қарохониён, Салҷуқиён, муғулҳо, Амир Темур ва даврони Темуриён, ҳамчунин таърихи хонигариҳои ӯзбек иборат мебошад. Он аз 676 саҳифа ва 10 боб таркиб ёфта, ҳоли ҳозир ба хонандагони зиёди кишварҳои Кувайт, Арабистони Саудӣ, Баҳрайн ва Миср фурӯхта мешавад.

Бинобар ақидаи муаллиф маълумоти муфассал дар бораи таърихи Ӯзбекистон – ватани мутаффакирони бузург Имом Бухорӣ ва Имом Тирмизӣ ба сокинони кишварҳои араб, аз ҷумла Кувайт, кам дастрас мебошанд. Китоби «Кишварҳои Мовароуннаҳр» барои арабҳо манбаи хеле муҳим буда, дар бораи таърихи Ӯзбекистон маълумоти пурра медиҳад.

Дар ҷараёни вохӯрӣ муаррих ва нависандаи Кувайт иттилоъ дод, ки ният дорад бахшида ба мерос ва мадрасаҳои куҳани Ӯзбекистон низ китобе нависад.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри АЛ-КУВАЙТ.*

# ҲИСОБОТИ МУХТАСАРИ САРИ СОЛ

***Сари роҳ бо мақсади шиносоӣ бо рафти кор ба идораи ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Гулбоғи ноҳияи Косонсой даромадем. Аз хаёл гузашт, ки дар дерии рӯз оё масъулеро меёфта бошем. Дар роҳрав оромию сукут ҳукмрон буд. Рост рафта, ангушт ба дари коргоҳи раис задем.***

Садое нест, дар – маҳкам.

Ба сӯйи рости роҳрав тоб хӯрда, бо рухсат ба хонае дохил шудем. Дар ин ҷо тахти роҳбарии раис ходимон ҷамъ шуда, ҳуҷҷатҳоро тагурӯ мекарданд. Аз ҳолпурсии мо табъи ҳама болида шуд.

Пас ҳисоботи мухтасари сари сол сар шуд. Раис Иброҳим Сиддиқов изҳор дошт, ки шумораи аҳолии маҳаллаашон ба 2788 нафар расидааст. 480 хонаводаи маҳалла бо оби тоза таъмин гардида, дар кӯчаҳои Мустақиллик 500 метр ва Шоҳтут 300 метр асфалт хобонда шуд.

Фаъоли кумитаи занону духтарони маҳалла Тӯтинисо Қосимова хабар дод, ки ҷамъи занону духтаронаш 1336 нафар аст. Аз аввали сол ду оиларо оштӣ кунондаад, ду хонадони соҳибкор ба истеҳсоли кулчақандҳо шурӯъ намуданд. Се нафар зан кумакпулӣ гирифта, мошини дарздӯзӣ хариданд. Аз 24 нафар бекор 5 нафар мондаанд, ки онҳо низ касбу ҳунар хоҳанд омӯхт.

Пешбари ҷавонони маҳалла Фарҳод Устобобоев маълум кард, ки ҷавонон 607 нафаранд. Аз онҳо 12 нафарашон бекор буда, 8 нафарашон бо кор таъмин шуданд. 4 нафар низ бо кор таъмин мегарданд. Бо иштироки ҷавонон дар толор ва майдони футболи мактаби рақами 18-ум машғулотҳои варзишӣ гузаронида истодаанд.

**Ш. МИРЗОЕВ,**
*ноҳияи Ксонсойи*
*вилояти Намангон.*

***Чандест, ки сафари ҳайати вакилони вилояти Бухоро дар Эрон идома дорад. Дар он ҷо як қатор ҳуҷҷатҳои ҳамкории тарафайн имзо гардид.***

# ҲАМКОРИҲОИ БУХОРОЮ ҲАМАДОН

Вакилони вилоят якҷоя бо раиси Кумитаи сайёҳии Ӯзбекистон У. Шодиев, сафири Ӯзбекистон дар Эрон Ф. Насриев дар шаҳри Ҳамадон буданд. Онҳо аввал мақбараи олими қомусӣ Абуалӣ ибни Синоро зиёрат карда, бо осорхона ва фонди Шайхурраис шинос шуданд. Сипас вохӯрии онҳо бо роҳбарони Донишгоҳи тиббии Ҳамадон ба номи Сино ба амал омад. Ин ҷо бобати ба роҳ мондани робитаҳо бо Донишкадаи давлатии тиббии Бухоро мулоқоти судовар сурат гирифт. Баъди маросими қабул дар Ҳамадон аз ҷониби ҳайати вакилони Ӯзбекистон ба раиси шаҳр Фарзод Қосим Алиризо сипосгузорӣ карда шуд. Бинобар ҳуҷҷатҳои таҳиягардида ҳангоми сафари расмии Президент Ш. Мирзиёев дар Эрон соли 2023 бародаршаҳрии Ҳамадону Бухоро эълон гардида буд. Ин барои ҳамкориҳои нав ба нав имконият медиҳад. Дар воситаҳои ахбори оммавии ҳар ду вилоят васеъ равшан намудани салоҳияти ҳар ду вилоят бобати сайёҳӣ, фарҳанг, мероси маданӣ ва соҳаи ҳунармандӣ, таҷрибаивазкунӣ дар соҳаи сайёҳӣ, фарҳанг, мероси маданӣ ва музейшиносӣ, баргузор намудани рӯзҳои фарҳанги Ҳамадон дар Бухоро ва дар Ҳамадон гузаронидани рӯзҳои сайёҳии Бухоро, дар Бухоро барои ширкатҳои сайёҳии Ҳамадон, корчаллонон ва намояндагони тиҷоратӣ ташкил кардани сайёҳии шиносшавӣ, ташкил намудани ташрифи намояндагони низоми тиббии Ҳамадон ба Бухоро бо назардошти комёбиҳои тиббии Эрон, дар Бухоро ба шарафи Ибни Сино аз ҷониби сармоядорони Эрон ба амал татбиқ намудани лоиҳаҳои меҳмонхона аз ҷумлаи онҳост.

Дар охир ҳуҷҷат оиди татбиқ намудани барномаи «Саёҳат бо роҳи ҳаёт ва эҷодиёти Ибни Сино» таҳия гардид. Ин барнома аз деҳаи «Афшона»-и вилояти Бухоро ибтидо гирифта, шаҳри Бухоро, Нишопур, Исфаҳон ва Ҳамадонро фаро мегирад. Инчунин соле барои ҷалб намудани беш аз 10 ҳазор нафар сайёҳон имконият фароҳам меорад.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**




*ГАНҶИ ОРОСТА*

***Саъдии ШЕРОЗӢ (1184 — 1292)***

## ДУ ҒАЗАЛ

*Бигзор, то бигирям чун абр дар баҳорон,*
*К-аз санг нола хезад рӯзи видои ёрон.*
*Бо сорбон бигӯед аҳволи оби чашмам,*
*То бар шутур набандад маҳмил ба рӯзи борон.*
*Ҳар к-ӯ шароби фурқат рӯзе чашида бошад,*
*Донад, ки сахт бошад қатъи умедворон.*
*Бигзоштанд моро дар дида оби ҳасрат,*
*Гирён чу дар қиёмат чашми гуноҳкорон.*
*Чандон, ки баршумурдам аз моҷарои ишқат,*
*Андӯҳи дил нагуфтам, илло як аз ҳазорон.*
*Ай субҳи ҳамнишинон, ҷонам ба тоқат омад,*
*Азбаски дер мондӣ чун шоми рӯзадорон.*
*Саъдӣ, ба рӯзгорон меҳре нишаста бар дил,*
*Берун наметавон кард, илло ба рӯзгорон.*
*Чандин кунам ҳикоят, шарҳ ин қадар кифоят,*
*Боқӣ наметавон гуфт, илло ба ғамгусорон.*

***

*Дилам то ишқбоз омад, дар ӯ ҷуз ғам намебинам,*
*Дили беғам куҷо ҷӯям, ки дар олам намебинам.*
*Даме бе ҳамдаме хуррам зи ҷонам барнамеояд,*
*Даме бо ҷон бароянд, чунки як ҳамдам намебинам.*
*Маро розест андар дил ба хуни дида парварда,*
*Валекин бо кӣ гӯям роз, чун маҳрам намебинам.*
*Қаноат мекунам бо дард, чун дармон намеёбам,*
*Таҳаммул мекунам бо захм, чун марҳам намебинам.*
*Хушову хуррамо он дил, ки ҳаст аз ишқ бегона,*
*Ки ман то ошно гаштам, дили хуррам намебинам.*
*Нами чашм обрӯйи ман бибурд, азбаски мегирям,*
*Чаро гирям, к-аз он ҳосил бурун аз нам намебинам?*
*Кунун дам даркаш, ай Саъдӣ, ки кор аз даст берун шуд,*
*Ба уммеди даме бо дӯст в-он дам ҳам намебинам.*

***Абдулло РАҲМОН***

## МЕРОС

*Намебахшад Худо он бандаашро,*
*Ки рӯ тобад зи лафзи модари худ.*
*Барои мансабеву шуҳрату шаън*
*Кунад пинҳон зи мардум гавҳари худ.*

*Чи хуб донанд мардум миллати ӯ,*
*Валекин ӯ худ аз он мекунад ор.*
*Мабодо аслу наслашро бипурсӣ*
*Ба рӯят бингарад чун бар гунаҳкор.*

*Забондонӣ чи хуб аст, эй бародар,*
*Агар сад лафзро донӣ чӣ беҳтар.*
*Вале бо лафзи модар тифли инсон,*
*Забонеро насозад беҳ, баробар.*

*Барояш гар бувад модар муқаддас,*
*Насозад аз забонаш нанг ҳаргиз.*
*Зи модар як забон мерос монад,*
*Дигар моли падар бошад ҳама чиз.*

*Касе, к-аз лафзи модар рӯй тобад,*
*Дигар аз ӯ чӣ меҳоҳӣ ту виҷдон?*
*Надорад ҳар кӣ лафзи модараш дӯст,*
*Чи сон онро ту мегӯӣ баимон?*

*Шавад ҳар кӣ забонгумкарда, аммо,*
*Худоё, кошкӣ шоир набошад.*
*Суханро ҳам кунад чун модараш хор,*
*Худашро беғалат одам тарошад.*

*Фақат манқурт аз модар кашад даст,*
*Фақат девона нашносад падарро.*
*Фақат оқи падар – модар шуморад,*
*Аз эшон бартар ашхоси дигарро.*

*Бишӯрад беш фарзанди ҳаромӣ,*
*Аз ӯ гар аслу наслашро бипурсанд.*
*Вале фарзанди одам гар ҳалол аст,*
*Падар бошад гадо ҳам ҳаст хурсанд.*

## НА, ҲАМЕША БА КОРИ ХУД БАНД БУД

Духтараки чорсолае дар таксӣ назди марде нишаста буду қанд мехӯрд.

Мард гуфт:

– Магар намедонӣ, ки қанд ба саломатӣ зарар дорад?

Духтарак ба ӯ нигоҳе афканду гуфт:

– Падарбузургам, Худо раҳматаш кунад, 115 сол умр дид.

Мард бо тааҷҷуб пурсид:

– Ба сабаби қанд хӯрдан?

Гуфт:

– На! Чун ҳамеша ба кори худ банд буду ба дигарон коре надошт.

Мардро ҷавоби духтарак то ҳадде мафтун кард, ки тӯли се рӯз ба умқи ин суханҳо фурӯ рафт.

Таҳияи **А. КОМРОН.**

*Кори неку номи нек*

# МАКТАБИ МАҲОРАТИ МУСАВВИР

Расо 75 сол қабл яке аз асосгузорони мактаби нави рассомӣ дар ҷумҳурӣ устоди сахтгир, вале меҳрубону дилсӯз, дилбастаи Самарқанди қандманд, Арбоби шоистаи санъати Ӯзбекистон Павел Бенков чашм аз олами ҳастӣ пӯшида буд.

Қабл аз ба роҳи вопасин гусел кардани ӯ дар назди бинои омӯзишгоҳи санъати тасвирии Самарқанд митинги мотам баргузор гардид. Ба ҳамин муносибат аҳли фарҳанг, рассомон, шогирдонаш, намояндагони идораҳои давлатӣ, хешу пайвандони марҳум ҷамъ омаданд. Дар гирдиҳамоӣ яке аз шогирдони вафодораш, мусаввири номдори кишвар Абдулҳақ Абдуллоев сухан кард:

– Ҳамдиёрони азизу гиромиқадр, марги бешафқат аз байни мо асосгузори санъати тасвирии реалистӣ, инсони хоксору росткор, дилёбу дарёдил Павел Петрович Бенковро бурд. Вай тамоми умри худро барои тарбияи насли наврас бахшида буд. Аз ҳама муҳимаш, ба шаҳри Самарқанд меҳру муҳаббати хоса дошт. Аксарияти асарҳояш ба шаҳри мо, одамони сарбаланд, меҳнатдӯсти одӣ, ёдгориҳои таърихӣ бахшида шудаанд, ки ҳоло дар осорхонаҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ, Аврупо ва қитъаҳои гуногун маҳфузанд. Бузургон фармудаанд:

*Фаромӯш макун ҳаққи устоди илм,*
*Ки бар ҳиммати ӯст бунёди илм.*

Меҳри устоди арҷманд Павел Петрович дар дили мо абадӣ хоҳад монд.

Дигарон низ доир ба хислатҳои ҳамидаи ӯ сухан ба миён оварданд, дертар хотираҳои ҳамкорону шогирдони ӯ дар шакли китоби алоҳида чоп шуд.

### СУҲБАТИ ҶОНПАРВАР АСТ СУҲБАТИ ОМӮЗГОР

*Ҳаққи устод аз падар беш аст,*
*В-аз падар устод дар пеш аст.*

Шодравон Павел Бенков то муҳоҷират ба Осиёи Миёна дар Русия омӯзгору наққош буд. Аз ин рӯ, барои тарбияи насли наврас ба Ӯзбекистон фиристонда шуд. Дар вақти ба Самарқанд омадани ӯ омӯзишгоҳи санъати тасвирӣ сохтмон дода шуд ва соли 1930 Павел Бенков муаллими омӯзишгоҳи санъати тасвирӣ таъин гардид. Вай дар гузари Кӯшҳавзи атрофи маҷмааи Регистон манзил гирифта, забони мардуми таҳҷой – тоҷикиро омӯхта, ба урфу одатҳои онҳо мароқ зоҳир намуд, ба эҳтироми мардуми гирду атроф, бахусус шогирдонаш сазовор гардид.

Вай кӯшиш ба харҷ медод, ки шогирдонаш асрори расмкаширо аз ҷиҳати назарӣ ва амалӣ пурра омӯзанд. Албатта, худ низ асарҳои нотакрору ҳунармандонаи хешро офарида, ба ҳукми мухлисон ҳавола мекард. Дар майдони Регистон, маҷмааи Шоҳизинда, Бибихонум ва дигар ҷойҳои таърихӣ бо шогирдон расм кашида, истеъдоди онҳоро сайқал медод. Павел Петрович кӯшиш мекард, ки ҷавонони маҳаллӣ навовар, дақиқназар ва мушоҳидакор бошанд. Он чизе, ки дигарон намебинанд ё аҳамият намедиҳанд, онҳо бинанд ва ба тасвир гиранд. Хато ва иштибоҳи шогирдонро бидуни садобаландкунӣ, дағалӣ ва пастзанӣ фаҳмонда медод. Инчунин, бамаврид ситоиш карда, рӯҳи онҳоро мебардошт. Асарҳои шогирдонро ба озмунҳои ҷумҳурӣ ва байналхалқӣ ирсол намуда, маълуму машҳур мекард.

Соли 1933 12 нафар «парастуҳои нахустин» пар кушода дар театру мактабҳои ҷумҳурӣ бо корҳои фоидабахши ҷамъиятӣ машғул шуданд. Бо гузашти айём дастпарварони зиёди омӯзишгоҳ дар шаҳри бостонӣ ва вилоятҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон бо касби рассомӣ ҳурмату эҳтиром пайдо карданд. Абдулҳақ Абдуллоев, Малик Набиев, Сафо Муҳаммадов, Шамсия Ҳасанова, Рашид Темуров, Ашур Ҳайдаров, Даврон Сафозода, Нина Истомина ва садҳо рассомони ҷавон аз Бенков таълим гирифта, соҳиби нуфузу унвонҳои баланд шудаанд.

Шояд аз ҳамин сабаб соли 1938 Павел Бенков бо унвони «Арбоби шоистаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон» сарфароз гардонда шуд.



**«Павел Бенков». Амали рассом Зинаида КОВАЛЕВСКАЯ.**

### АЗ МАРДИ НЕК – НОМИ НЕК

*Марги соҳибдил ҷаҳонеро далели кулфат аст,*
*Шамъ чун хомӯш гардад, доғи маҳфил мешавад.*
**(Абдулқодири БЕДИЛ).**

16-уми январи соли 1949 қалби мусаввир – аз таппиш монд. Бо қарори ҳукумати Ӯзбекистон омӯзишгоҳи санъати тасвирии Самарқанд, дертар чунин омӯзишгоҳ дар шаҳри Тошканд номи ӯро гирифт ва кӯчае ба номаш гузошта шуд.

Боиси хушнудист, ки имрӯзҳо мардуми таҳҷой ва мухлисони санъати тасвирӣ номи Бенковро ба некӣ ёд мекунанд. Вале сад афсӯс, ки соҳибкоре ҳавлиашро харида гирифту ҳоло имкон нест, ки дар он ҷо осорхонаи устоди мусаввирони кишвари азизамон сохтмон дода шавад.

Воқеан, чанд нафар ҳатто хостаанд, ки номи кӯчаи ӯ ба «Бунёдкор» табдил дода шавад. Аммо равшанфикрони самарқандӣ ба ин носипосӣ роҳ надоданд, зеро хидматҳои устод Бенков барои рушди санъати тасвирии кишвар кам нест.

Бояд ёдрас намоем, ки имрӯз дар Осорхонаи давлатии таърихи маданият ба муносибати 145-солагии наққош зери номи «Бенков ва мактаби эҷодии ӯ» анҷумани ҷумҳуриявии илмӣ–амалӣ баргузор гардид.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

***Антон ЧЕХОВ:***

# ЗИНДАГӢ ЗЕБОСТ!

### БАРОИ КАСОНЕ, КИ ҚАСДИ ХУДКУШӢ ДОРАНД

Зиндагӣ чизе талху нохушоянд аст, вале зебо сохтани он кори мушкил нест. Барои сохтани ин дигаргунӣ лозим нест, ки масалан, дусад ҳазор рубл дар лоторея бубарӣ ва ё ба дарёфти медали «Уқоби сафед» ноил шавӣ ё бо хонуми зебову хуштипе издивоҷ кунӣ ё ба унвони як одами хушқалб дар тамоми дунё шинохта шавӣ.

Неъматҳоеро, ки баршумурдем фанопазиранд ва ба одати рӯзона табдил мешаванд.

Барои он ки ҳамеша, ҳатто дар мавқеи ғаму мотам эҳсоси хушбахтӣ кунӣ, бояд аввал аз он чӣ, ки дорӣ, розиву хуш бошӣ ва дувум ин ки аз ин андеша, ки «мумкин буд аз ин бадтар шавад» эҳсоси хушӣ кунӣ ва ин кори душворе нест.

Вақте қуттии гӯгирд дар ҷайбат оташ мегирад, аз ин ки ҷайбат пур аз борут набуд, хуш бош ва Худоро шукр кун.

Вақте теъдоде аз хешу табори бечораат ба хонаи иҷораат меоянд, зиқ нашав, балки хуш бошу фарёд бизан, ки: «ҷойи хушист, ки хешовандонам омадаанд, на пулис».

Агар хор дар ангуштат халид, бар он шукр кун, ки «чӣ хуб шуд дар чашмам нахалид».

Агар зан ва ё хоҳарарӯсат оҳангеро бесуру фач бихонанд, авқотатро талх макун, хуш бош, ки ба мусиқӣ гӯш мекунӣ, на ба зузаи шуғол ё мияв-мияви гурба.

Бар он Худоро шукр кун, ки на аспи боркаш ҳастӣ, на хук, на хар, на гамбуск ва на хирс.

Рақс кун, ки на фалаҷ ҳастӣ, на кӯр, на кар, на гунг ва на мубтало ба марази вабо. Хушҳолӣ кун, ки дар ҳамин лаҳза рӯйи курсии муттаҳамин нанишастаӣ.

Агар дар минтақаи бисёр дур зиндагӣ мекунӣ, аз ин, ки хонаат дигар ҳам дуртар нест, хушҳолӣ кун.

Агар фақат як дандонат дард мекунад, дилатро ба ин хуш кун, ки хуб аст ҳама дандонҳоят дард намекунанд.

Вақте туро ба маҳкама эҳзор мекунанд, аз ин, ки ту ба муҳокима меравӣ, на ба дӯзах, хушҳол бош ва ҷастухез бизан.

Агар занат ба ту хиёнат мекунад, дил ба ин хуш дор, ки ба ту хиёнат мекунад, на ба Модар-Ватан.

Ва ба ҳамин тартиб... эй одам, насиҳатҳои маро ба кор гир, то тамоми зиндагиат пур аз хушиву хушҳолӣ шавад.

Тарҷумаи **Ҳорун ЮСУФӢ.**

# ТАҚДИРИ ТАЛХ

*(Ҳикоя)*

Сарвармоҳ имрӯз – навбатдор. Бинобар ин саҳарӣ, пеш аз ҳама аз хоб бедор шуд. Барои ба хоби дигарон халал нарасонидан гурбавор оҳиста аз чайла баромад. Ба зарфи калони алюминӣ аз сатил об гирифта, сарфакорона дасту рӯяшро шуст.

Ӯ ҳамроҳи аъзои звено 10-12 рӯз муқаддам ба саҳрои Чӯли Миср, ки ин ҷо ҳам тобеи хоҷагии ҷамоавиашон ба ҳисоб мерафт, барои ғалладаравӣ омада буд. Офтобаро аз об пур карду ба дастааш оҳанхӯлаи сиёҳро гузаронда, рӯйи оташдон монд. Ҳарчанд ҳезумҳо тар буданд, илоҷе карда, дар зери офтоба оташ гиронд.

Занон дар назди чайла аз лою хок суфа сохта буданд. Сарвармоҳ ба болои суфа дасторхонро паҳн карду бо хотири ҷамъ лаҳзае ба сӯйи деҳаашон нигариста оҳе кашид.

– Бачагонам ин пагоҳӣ чӣ хел нонушта мекарда бошанд? Дар хона орд тамом шуда буд, захираи нони қоқ ҳам ба охир расидагист... камтар туршак доштем. Туршак ба хотираш омаду дилаш каме таскин ёфт ва боварие ғалаба кард, ки иншооллоҳ, имрӯз бачагонаш гурусна намемонанд.

Аз ҳоли бачагонаш каму беш хотирҷамъ шуда-нашуда, боз дарёи хаёлот ӯро ба комаш кашид.

– Мо дар зодгоҳамон аҳвол вазнин бошад ҳам як бало карда рӯз гузаронида гаштаем, аммо аҳволи дадеш чӣ хел бошад? Дар мактуби охиронашон навишта буданд: «Мо ҳар рӯз машқ карда истодаем. Нағзакак аз тайёрии ҳарбӣ гузарем, пас аз 3-4 рӯз ба «тӯй» медароем. Аз бачаҳо эҳтиёт шав, ба дӯстон ва хешу таборон салом расон». Э Худоҷон-е, илоҳо дадеш аз «тӯй» соғу саломат баромада бошанд-дия...

Ҳамин вақт аз чайла Гулрух баромад. Чашми вай ба Сарвармоҳ афтода, пурсид:

– Ҳа, холаҷон, шумо бо кӣ гап зада истодаед?

Сарвармоҳ шарм дошт. Акнун ӯ ҳис кард, ки худаш бехабар фикру хаёлоташро ба забон ҳам овардааст.

– Ман имшаб хобҳои парешон дидам. Барои ҳамин бачаҳо ва дадешон ба ёдам омаданд. Ин пагоҳӣ бачаҳо чӣ хӯрданду аҳволи дадешон чӣ хел бошад? Падарашон дар мактуби охиринашон навишта буданд, ки мо акнун ба «тӯй» медароем. Тӯяшон ҷанг будааст. Илоҳо аз ҷанг сиҳату саломат баромада бошанд-дия, – хаёлпарешону ҳасратомез гуфт Сарвармоҳ.

Ҳамин вақт шӯхии Гулрух боло гирифту хандон ҳазл кард:

– Не, холаҷон, шумо ин бахона бачаҳоро ёд кардагӣ барин.

Аз ин гапҳои духтарак Сарвармоҳро ҳаё пахш кард ва барои он ки инро пай набарад, ҷойрӯбро ба даст гирифта аз паси Гулрух давид. Баъди тахтӯл занону духтарон ба ғалладаравӣ рафтанд.

Ҳӯпчиву шогирдаш бо роҳбарии Аҳмадҷони ҳосилот ба кори хирманкӯбӣ оғоз карданд. Дере нагузашта чанд нафар мактаббачагон ҳам ба ёрии хирманкӯбон омаданд. Онҳо бо навбат ба асп савор шуда, гирди меҳболор давр мезананд. Асп гирд-гирди хирман мегашту аз зери наълаш овози қисир-қисири майда шудани пояҳои гандум форам ба гӯш мерасид.

Бачагон машғули кор суруди «хӯп-хӯп»-ро оғоз карданд:

*Хӯп-хӯп, майда-майда кӯб,*
*Нонсандуқ пур аз нон шавад.*
*Дадаҷон зуд аз фронт ояд,*
*Хӯп-хӯп, майда-майда кӯб!..*

Дар қатори онҳо Атоулло ном бачае низ буд. Вай мисраи «Дадаҷон зуд аз фронт ояд»-ро шунида, аввал ба чашмонаш ашк ҳалқа зад. Баъд якбора гирист. Сабаби ин гиряи Атоуллоро ҳама медонистанд. Ба хонаводаи онҳо се моҳ пеш аз падараш «хати сиёҳ» омада буд. Дар як лаҳза бачаҳои дигар ҳам ба ғаму андӯҳ ғӯтиданд, баъзеҳо ҳатто гиристанд.

Аъзои звенои ғалладарав асосан духтарон буданд. Аксарият мавзунқомату зебо. Ҳусну малоҳати онҳо ҳангоми кор дар зери офтоби сӯзон дар саҳро хор мешуд. Вақти арӯсшавию хонадоршавиашон ноаён мегузашт. Афсӯс, ки ҷавонон дар фронт меҷангиданд. Сад дареғ, ки номзади баъзеи духтарони қадрас аз фронт барнагаштанд.

Аз рӯзи ба ғалладаравӣ омадани онҳо 15 рӯз гузашт. Имрӯз бегоҳ онҳо бояд бо дигар аъзои звено иваз шаванд. Аз ҳамин сабаб, шодиву хурсандиашон беинтиҳо буд. Охир пас аз ду ҳафтаи расо боз ба хонаҳояшон — ба оғӯши пайвандонашон бармегарданд.

– Хона рафта ин бегоҳ ба модарарӯсаму бачагонам ширбиринҷ пухта медиҳам, – мегуфт яке.

– Ман равам, аввал обдорӣ мекунам, — нақшаи худро ба забон меовард дигаре. — Замини даруни ҳавлиамон обталаб шуда буд. Аз беобӣ ҳосилаш талаф шавад, убол.

– Ман аз орди русткардаам нон мепазам, – лаб ба сухан кушод сеюмӣ. — Барои аҳли хонавода ид мешавад.

Ҳамин вақт сардори звено лаб ба сухан кушод:

– Ҳӯ, дугонаҳо, ҳамаатон кори асосиро нагуфта истодетон-ку?

– Кори асосии мо чӣ? — пурсид кадоме.

– О дар ин ҷо ба чирку чарм ғӯтидем-ку! Бояд ҳамаамон рафта, аввал дар ташноб обозӣ кунем. Кадоме ташноб надошта бошад, бемалол дар оғил ин корро карданаш мумкин.

Зану духтарон чандтарафа азоб мекашиданд: куртаву пойҷомаҳояшон дарбеҳ буд, нимгурусна кор мекарданд, аз досзанӣ кафи дастонашон обила мегашт, лаҳзаи нафасросткуниашон ҳам дар зери офтоби тамуз мегузашт, боз аз хонаашон хавотир мекашиданд.

Онҳоро бештар камии об ғам медод. Обро аз деҳа мекашонданд. Бочкаи об болои харароба буду Эшонбобои мӯйсафед обкашонӣ мекард. Он барои хӯроку чой ва нӯшидану дастурӯшӯйӣ барои як шабонарӯз мерасид. Дар ин муддат онҳо оббозӣ як сӯ истад, ҳатто дасту рӯйи худро дуруст нашуста буданд. Шиори «Ҳама чиз барои фронт, ҳама чиз барои ғалаба!» ба онҳо рӯҳу тавон мебахшид.

Аммо кайфияти хуши занону духтарон дер давом накард. Аз дур бригадири аспсавор намоён шуд. Миёнсол бошад ҳам, ҷанг ӯро барвақт пир карда буд.

Ҳама дар ҳайрат монданд, дили баъзеҳоро гургон тала мекарданд.

Саркор рӯзона намеомад. Вай аз рӯйи одат фақат бегоҳирӯзӣ омада ҳисобот мегирифт.

Вақте омад занон зуд ӯро иҳота карданд. Чашми ҳама ба даҳонаш дӯхта шуд. Саркор хост чизе гӯяд, аммо гап зада натавонист. Фақат:

– Дирӯз... дирӯз...– гуфту хомӯш монд.

Чанд лаҳза сукути даҳшатангезе ҳукмрон гардид.

Охир тоқати ҳама тоқ шуду Моҳчеҳраи шартакигӯй ба пеш баромад:

– Э, акои бригадир, шафшаф нагӯеду якбора шафтолуяшро гӯеду монед.

Аз ин суханон саркор каме ҷуръат пайдо карду назди Сарвармоҳ омад:

– Хоҳарҷон, бардам бошед... дирӯз аз қисми ҳарбии шавҳаратон – акои Бақо «хати сиёҳ» гирифтем.

Сарвармоҳ аввал мисли санг хомӯш монд, гӯё аз хабари саркор гунгу карахт шуда буд. Баъди мазмуни гуфтаҳои бригадир ба умқи майнааш расидан, якбора таркид:

– Вой хонем! Вой хонем! Вой дод, ман акнун ба кадом гӯр равам, о бачеком ятим монданд-ку!..

Оҳу фиғони Сарвармоҳ дар саросари ғаллазор ғулғула афканду чанд нафар занону духтарони ҳамтақдир ба ӯ ҳамовоз шуданд.

**Шодмон АМОНУЛЛОЕВ.**

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.

Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-228.
Адади нашр 4240. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.

1 2 3 4 5 6

ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Г. Кабирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.

Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 22.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.